*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 38 (12366)
22 сентябри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

**НЕРУИ ТАВОНО**



# Истиқлол ва ҷавонон

***Ҷавонон неруи бузурги пешбарандаи ҷомеа буда, дар рушди иҷтимоии мамлакат нақши муҳим доранд. Маҳз ба ҳамин хотир дар даврони соҳибистиқлолӣ сиёсати давлатии ҷавонон тақвият ёфта, инфрасохтори рушди соҳаи мазкур марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст.***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар симои ҷавонон сипари Ватанро дида, онҳоро ҳамеша мояи ифтихор ва сарбаландии кишвари азиз меҳисобанд ва ғамхорӣ нисбат ба ояндасозони миллатро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додаанд. Ҷавонони даврони истиқлол зиракии сиёсӣ дошта, сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукуматро пайгирӣ менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ муносибати ҷавонон нисбат ба масъалаҳои давлату давлатдорӣ тағйир ёфта, дар зеҳни онҳо ифтихор аз соҳибватанию соҳибихтиёрӣ, муқаддасоти миллӣ ва арҷгузорӣ ба дастовардҳои иҷтимоию фарҳангии кишвар боло гирифтааст.

Ҳамзамон, дар шароити авзои мураккаби минтақавию ҷаҳонӣ марҳила ба марҳила фаъолияти ватанпарваронаи ҷавонон тақвият ёфта истодааст.

Истиқлолияти давлатӣ ҷавонони кишварро ба зиндагии шоиставу арзанда раҳнамуд сохта, сатҳи маърифати ҳуқуқии онҳоро хеле боло бурд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тарбияи насли наврас ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ пайваста тадбирандешӣ дорад. Имрӯз масъалаи баланд бардоштани сатҳи хештаншиносӣ ва ватандӯстии ҷавонону наврасон яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар шароити ҷангҳои иттилоотӣ ҷавонони кишварро лозим аст, ки пайваста биомӯзанд, таҷриба афзоянд ва ҳамчун сипари Ватан кӯшиш намоянд, ки ба доми фиреби ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ наафтанду қурбони ғаразҳои нопоки душманони Ватану миллат нагарданд.

Умуман, на танҳо ҷавонон, балки тамоми сокинони кишварро зарур аст, ки ба қадри сулҳу оромӣ ва Истиқлоли давлатӣ расида, дар рушди устувори кишвар саҳмгузор бошанд.

Мусаллам аст, ки имсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 31-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ҷашн гирфта шуд. Дар остонаи ин ҷашни бузург ваҳдату ҳамдилии ҷавонони кишвар ва пуштибонии онҳо аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тавоноии мамлакат неруи дигар зам менамояд.

Мо, ҷавонони даврони истиқлол, дар самти сиёсати пешгирифтаи Президент ва давлату Ҳукумати Тоҷикистон устуворона қадам мемонем ва ифтихор аз Ватани маҳбуб дорем, ба сулҳу субот арҷ мегузорем.

***Фарзона ҒУЛОМНОСИРОВА,***
***коршиноси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**ҲАМОИШ**

## Иштирок дар Саммити дигаргунсозии маориф

19 сентябр дар ҳошияи иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии СММ ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии вазири корҳои хориҷии кишвар Сироҷиддин Муҳриддин дар Саммити дигаргунсозии маориф иштирок намуд. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Нишасти мазкур аз 16 то 19 сентябр дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардида, зимни он роҳҳои ҳали буҳрони ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф ва ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба маориф баррасӣ шуданд.

**•ДАР ИН ШУМОРА:•**

*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг!* саҳ. 2
*Чеҳраи терроризм зишт аст* саҳ. 3
*Ошёни сулҳ гашта Тоҷикистони азиз!* саҳ. 4
*Арҷгузори забони миллӣ* саҳ. 5
*Тафаккури иқтисодӣ муҳим аст* саҳ. 6
*Устод Рӯдакӣ - шоири файласуф* саҳ. 7
**НИЗОМНОМАИ** озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ саҳ. 8-9
*Бетараф набошем* саҳ. 10
*Муқовимат бояд устувор бошад* саҳ. 11

*Алоқае дар дунё шадидтар аз меҳр ба Ватан нест.*
*Афлотун*

«Омӯзгор»
№ 38, 22 сентябри
соли 2022

ВАЗЪИ СИЁСӢ

# Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг!

**Ҷаҳони муосир хеле мураккаб, печида ва пурҳаводис аст. Махсусан, авҷ гирифтани зиддиятҳо байни давлатҳову минтақаҳо ва созмонҳои қудратии олам вазъро фоҷеабортар ва хеле ташвишовар кардааст. Рухдодҳои пурмоҷарои сиёсӣ дар кишварҳои арабӣ, дар Афғонистон, даргириҳо дар қисмати Аврупо аҳли башарро хеле нигарон кардаанд.**

Бо истифода аз чунин ҳолати сангин як зумра неруҳои иртиҷоӣ, террористону экстремистон амалиёти пурзиёну тахрибкоронаи худро дар манотиқи гуногуни дунё пайваста вусъат мебахшанду ба нангинтарин кирдорҳои барои кулли инсоният зиёновар даст мезананд. Гузаштагони хирадманди мо ҷангро наҳс хондаву онро шадидан маҳкум кардаанд. Таъкид бинмудаанд, ки ҷанг бузургтарину махуфтарин фоҷеаи башарист, сӯзанда асту харобиовар ва даҳшатафкан. Мардуми оқилу фозил зишттарин, бефарҳангтарин ва тираақлтарин афрод шахсонеро хондаанд, ки даст ба ҷанг мебаранд ва харобкорию ҷаҳолатро пеша мекунанд:

*На дониш бошад он касро, на фарҳанг,*
*Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.*

Соли гузашта бо ташаббусу ибтикори ватандӯстонаву хирадваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ба тамоми хонадони мамлакат китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров тақдим карда шуд. Ин китоб саропо сабақи ватандорию хештаншиносист ва ҳувияту ифтихори миллии ҳар яки моро тақвият мебахшад. «Тоҷикон» гувоҳи барҷаставу раднопазири он аст, ки халқи шарафманду сарбаланди тоҷик ҳамеша ҳомии Ватани азизи худ будаасту баҳри ҳифзи ҳар ваҷаб хоки он ба ҷон талош меварзидааст. Дар баробари ин тоҷикон ҳамеша ба марзу буми дигарон бо эҳтиром муносибат мекардаанд ва ҳаргиз ба мулки ғайр дастдарозие, даъвие надоштаанд. Тавсифи корномаи Спитамену Муқаннаъ ва Темурмалик, ки дар шаҳкитоби миллат - «Тоҷикон» омадааст, моро ба оламиён чун миллати ватандӯсту ҳақиқатпарвар ва далеру шуҷоъ муаррифӣ мекунад. Яке аз бузургтарин сарватҳои маънавии мардуми тоҷик – «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари ғояҳои баланди меҳанпарастонааш шадидан ҷангро, мухолифатро, талошҳои харобиоварро маҳкум мекунад. Умуман, таърихи дерину ғании халқи тоҷик саршор аз сабақ аст ва бозгӯи он аст, ки инсоният бояд ҳамеша ба зиндагии осоишта, ба дӯстию рафоқат, ба адлу адолат арҷгузор бошад. Аммо афсӯс, ки на ҳама гӯши ҳикматшунаву ақли сабақомӯз доранд. Гурӯҳе бо ниятҳои зишту хусуматбор ва бо ҳадафҳои манфиатҷӯёна мунтазам ҳаёти осоиштаи халқҳову миллатҳову кишварҳоро халалдор мекунанд, боиси ба миён омадани даргириҳову хунрезиҳо мешаванд. Ҳодисаҳое, ки ҳафтаи гузашта дар минтақаи Исфараи сарҳади байни Тоҷикистону Қирғизистон ба вуқуъ пайвастанд, бори дигар собитгари гуфтаҳои боло шуданд. Таҳқиқи асли воқеа, баёноти шоҳидон ва неруҳои воқеиятнигору ҳақбин дарзамон муайян ва исбот карданд, ки ин зиддияти фоҷеафарҷом маҳз бо гуноҳи тарафи Қирғизистон ба амал омадааст. Ва ин бори аввал нест, ки ҳамсояҳои ғаразманди мо чунин рафтор мекунанд. Собит шудааст, ки нахуст сарҳадбонони қирғиз ба сӯи марзи Тоҷикистон, ба сари мардуми осоишта тирпаронӣ




кардаанд. Дар натиҷаи аланга задани оташи ихтилофот аз ҳар ду тараф ҳам одамон кушта шуданд, талафоти молӣ ба вуҷуд омад. Боз садои шевани модарон баланд шуд, молу мулки сокинони минтақаҳои сарҳадиро оташ ба комаш кашид. Боз мардуми осоишта ба таҳлука омаданду ҳаёти муқаррариву бонизоми ҳамагон халалдор гашт. Марзбонон, аскарону афсарони тоҷик ба марзшиканони каҷниҳод ва саркардагони олуда ба ғарази онҳо посухи сазовори сарибактӣ доданд ва нагузоштанд, ки қадами нопоки онҳо рӯи марзи поки мо гузошта шавад.

Аслан, ба гувоҳии таърих, халқҳои заҳматкаши тоҷику қирғиз ба ҳам ғаразе надоранд ва солҳост, ки паҳлуи ҳам дӯстона, чун ҳамсояҳои аҳлу тифоқ зиндагӣ доранд ва ҳатто риштаҳои хешутаборӣ бастаанд. Робитаҳои ҳасанаи ин ду халқи ҳамсояву ҳамсарҳад дар дарозои садаи бистум ба сатҳи баланд расида буданд. Бисёр бузургони олами адаби тоҷику қирғиз, чун устод Турсунзодаву Осимӣ ва Айтматову Акаев дӯстиву равобити ҳасанаи ин ду халқро тавсифу ситоиш кардаанд. Воқеан ҳам, мардуми одии тоҷику қирғиз дар ҳама гуна ҳолат хайрхоҳу дастгири якдигар буданду ҳастанд, вале имрӯз ду – се тан аз лидерҳои сиёсии Қирғизистон бо ҳадафу ниятҳои нопок иғвогарӣ пеша карда, байни халқҳо низоъ бармеангезанд. Дар бисёр аз навиштаҳои эътирозии воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ сиёсати кинаваронаву низоъбарангези чанде аз мансабдорони воломақоми Қирғизистон, махсусан, сарвари ин кишвар ва раиси КДАМ-и он маҳкум карда шуданд. Дар дохили худи Қирғизистон низ иддае аз шаҳрвандон, ашхоси соҳибмақом бар зидди амалиёти навҷавонмардонаи қувваҳои мусаллаҳи диёрашон нисбат ба ҳамсоякишвари Тоҷикистон садои эътироз баланд карданд. Дар ин мунокиша, ки инак, хушбахтона, бо қарордоди тарафҳо дар бораи оташбас хотима ёфт, бори дигар сиришти хайрхоҳонаву башардӯстонаи халқи тоҷик боло гирифт ва боз ҳам исбот гардид, ки тоҷикон ҷонибдори ҳаёти осоишта ва равобити дӯстона бо ҳамагон, аз ҷумла, бо ҳамсоякишварҳо мебошанд. Пешвои муаззами халқи тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳон ҳамчун сиёсатмадори сулҳдӯсту ваҳдатшиор эътироф шудаанд. Воқеан ҳам, Сарвари кишвари мо пайваста талош бар он доранд, ки ҳама гуна мунокишаву зиддиятҳо танҳо аз тариқи гуфтушунид ва табодули афкори тарафҳо роҳи ҳалли худро ёбанд. Ҳаргиз ба ҷанг, ба киною адоват роҳ набояд дод. Пешвои миллат зимни аксар суханрониҳояшон батакрор таъкид мекунанд, ки «сулҳ сарвати миллат аст, онро бояд ҳифз карду пос дошт. Танҳо сулҳ ҳаёти осоиштаву зиндагии хушбахтонаи аҳли башарро таъмин карда метавонад. Ҷанг бадбахтӣ ва рӯзи сиёҳ аст. Тоҷикон таърихан халқи сулҳпарваранд, онҳо натанҳо дар пойдории сулҳ дар Ватани маҳбуби худ мекӯшанд, балки ҷонибдори онанд, ки сулҳ дар тамоми ҷаҳон ҳамеша тантана дошта бошад».

Тоҷикону қирғизҳо ба ҳукми таърих дар ҳамсоягӣ зиндагӣ доранд ва аз ин рӯ, бояд байни онҳо ҳамдигарфаҳмию эҳтироми тарафайн доимо устувор бошад. Халқи тоҷик нисбат ба ҳамсояҳои хеш муҳаббату самимият дорад ва бар он аст, ки муносибатҳои ҳасанаи ҳамсоягӣ файзбахшу бобаракат ва хушоянданд. Таманнои онро дорем, ки дӯстиву рафоқат ва сулҳу салоҳ дар минтақаамон ва дар тамоми ҷаҳон ҳамеша пойдору устувор бошад ва ҳаргиз хавфе ба осоиштагии мардум таҳдид накунад. Оқилон фармудаанд:

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба ҷанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.*

Бовар дорем, ки ақли солим ва хиради воло дар муносибати халқҳо ҳамеша корагар хоҳад буд.



***Шодӣ САФАРОВ,***
***ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, профессор***

ПРОТОКОЛ БА ИМЗО РАСИД

***19 сентябри соли 2022 дар гузаргоҳи сарҳадии «Гулистон» мулоқоти раиси КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Саймумин Ятимов ва раиси КДАМ-и Ҷумҳурии Қирғизистон Қамчибек Ташиев баргузор гардид.***

Дар мулоқот ҷонибҳо масъалаи таъмини субот дар минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро баррасӣ карда, риояи ҳатмии оташбасро таъкид намуданд.

## Мулоқоти гурӯҳҳои кории Тоҷикистон ва Қирғизистон

Зикр гардид, ки бояд масъалаи таъмини амнияти сокинони наздисарҳадӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи хосса қарор дода шуда, минбаъд мушкилоти мавҷуда бо роҳи гуфтушунид ҳал гардад.

Аз ҷониби раисони КДАМ-и ду кишвар 19 сентябри соли 2022 ҳамзамон протокол имзо гардид, ки тибқи он қувваҳои низомии иловагӣ ва техникаҳои ҳарбӣ ба маҳалли доимии худ баргардонида, амнияти сокинон таъмин карда мешавад. Дар фарҷоми мулоқот роҳбарони гурӯҳҳои кории ҳарду давлат барои намояндагони ВАО изҳорот доданд, ки дар рафти он раиси КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник Саймумин Ятимов чунин иброз дошт:

«Мо ба созиши умумӣ расидем ва Протокол ба имзо расонидем. Итминон дорем, ки дар сарҳадҳои давлатии мо сулҳи ҳақиқӣ пойдор мешавад. Мо фаъолияти худро дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳо дар рӯҳияи манфиатҳои ду халқи бародар ба роҳ мемонем».

Раиси КДАМ-и Ҷумҳурии Қирғизистон Қамчибек Ташиев дар навбати худ чунин баён кард:

«Ман бисёр умедворам, ки Протокол дар бораи ҳусни тафоҳум, ки мо бо Саймумин Сатторович ба имзо расонидем, ба кишварҳои мо сулҳ меорад. Бовар дорам, ки сулҳ ҳамеша беҳтар аст ва барои сулҳ мо талош меварзем».

***АМИТ «Ховар»***

СОЗАНДАГӢ

## Вусъати сохтмони бинои нави муассисаи таълимӣ

***Дар Ҷамоати деҳоти Саразми Панҷакент бунёди бинои нави муассисаи таълимии деҳаи Бостондеҳ вусъат мегирад ва раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода зимни сафари корӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонии он шинос гардид.***



Бинои мазкур бо иқдому ташаббуси сокинони деҳа, дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бунёд шуда, ҳоло дар он корҳои охирини ороишӣ идома доранд.

Абдухолиқ Холиқзода ба ташаббускорони бунёди таълимгоҳ изҳори сипос намуда, ба роҳбарияти шуъбаи маорифи шаҳр ва Ҷамоати деҳоти Саразм дастур дод, ки ҳамаи корҳои омодагиро барои қабули хонандагон дар бинои нави таълимгоҳ дар муҳлати кӯтоҳ анҷом диҳанд.

Раиси шаҳри Панҷакент бо ҷараёни сохтмони 4 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 43 дар деҳаи Камар ва 12 синфхонаи иловагӣ дар назди мактаби деҳаи Абдусамад, ки таҳкурсиаш гузошта шудааст, шинос гардид.

Ба сарварони муассисаҳои таълимии ҳудуди ҷамоати деҳот ва роҳбарияти шуъбаи маорифи шаҳр супориш дода шуд, ки сӯзишвориро дар муассисаҳо мувофиқ ба меъёр захира карда, ба фасли зимистон хуб омодагӣ бинанд.

**18-19 октябри соли 2022 дар пойтахти Тоҷикистон конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба мубориза бо терроризм баргузор мегардад.**

*Мафрӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,
Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун!* Абулқосим Лоҳутӣ



ХЕШТАНШИНОСӢ

# Чеҳраи терроризм зишт аст

***Заҳҳок аз амалҳои нангини худ чун дар замонҳои қадим ба сифати дастёру ёвари Аҳримани бадсиришт чанде қабл дар Афғонистони ҷангзада аз паёми фоҷиаборе дарак дод. Оре, терроризм ҳамон Заҳҳок аст, Заҳҳоке, ки аслан аз вожаи «даҳҳок» таркиб ёфта, дорои даҳ хислати баду зишт мебошад.***

Дар луғоти маъруфи «Ғиёс-ул-луғот» (ҷилди 2, саҳ. 16) дар тафсири ин калима чунин овардаанд: ...Ва лафзи Заҳҳок ба маъноии номи подшоҳи мазкур муарраби даҳҳок аст, яъне Худованди даҳ айб ва даҳ айбаш ин аст: аввал зиштрӯй, дувум кӯтоҳии қад, савум бедодгарӣ, чаҳорум дурӯғгӯӣ, панҷум баддилӣ, шашум бединӣ, ҳафтум бисёрхорӣ, ҳаштум бешармӣ, нуҳум бехирадӣ, даҳум бадзабонӣ…»

Магар онҳое, ки амалҳои зиддибашариро дар гӯшаю канорҳои олам анҷом медиҳанд, бо таркишу кушторҳо инсонҳои бегуноҳро ба ҳалокат мерасонанд, молики ин хислату атвор намебошанд? Аҳриман таҷассуми неруи бадисту аз пайи маҳв ва несту нобуд кардани рӯшноию зиё, ба як сухан зиндагии сабзу хуррами инсонҳост. Террористону экстремистон намои ҳамон торикмағзу тиҳихирадон ва ифодагари зулмату бедодгариянд, ки гоҳ аз Ироқу Афғонистон бо амалҳои тахрибкоронаашон аз худ хабар медиҳанд, гоҳ аз Сурияву Яман, гаҳ аз Аврупо. Аждаҳои ҳамахори терроризм ба ҳеҷ сурату ҳеҷ ваҷҳ аз қатлу рехтани хуни башарият барои ба даст овардани қудрату салтанат ва амалӣ намудани манофеи сиёсию гурӯҳии хеш даст намекашад, бо усулу шеваҳои нав муборизаро алорағми инсонҳои зиндагисоз ва насли башар идома медиҳад. Дар ин ҷода ин ақлбохтагони ҷаҳолатпеша ниқобҳои фиребандаи сиёсӣ бар рӯй кашида, бо тарғиботи зоҳиран «адолатҷӯёна», ки решаи он аз таълимоти мазҳабию динӣ об мехӯрад, ҳадафмандона истифода мекунанд. Тавре дар боло ишора рафт, даҳҳокиён зиштрӯянд, яъне аслан обрӯю чеҳраи инсонӣ надоранд, бедодгаранд. Онҳо фармонбардори девҳои бадгуҳаранд, ки аз ҳаёти босаодат, рушду тараққиёт, ихтирооту кашфиёти бани инсон, сулҳу ваҳдат ва садои хандаҳои беғаши тифлон, аллаи бардавоми модарон сари гаҳвора чун дар таълимоти «Авасто» мадҳушу бехуд гашта, нафас дар гулӯяшон зиндонӣ ва борҳо «мемиранду зинда» мешаванд. Шабеҳи Иблис аз иттиҳоди халқияту миллатҳои сулҳдӯсту озодихоҳ наъраи навмедона мекашанд, тавре ки дар «Қуръон»-и азимушшаън омада: «Ҳалок карданд худро касоне, ки ифрот намуданд». Маъмулан, ифротгароёну бунёдгароёни исломӣ, ки сӯиқасду террор, ҳаросафканӣ, анҷом додани таркишҳоро дар марказҳои аҳолинишин ҳадафи амалҳои сиёсӣ худ қарор додаанд, дар тарғиби ба истилоҳ «ғояҳои ҷовидонаи ондунёии худ» дурӯғпароканиро ҳамчун шеваи тактикаи муборизаи ноҷавонмардона истифода мекунанд. Ва ҳароина, ҷавонони камхондаю бемаърифат, ки дар халоби ҷаҳолат дармондаанд, барои ба биҳишти адн мушарраф гардидан бе ҳеҷ фикру андеша, аз рӯйи таассубу нодонӣ роҳ ба сӯйи майдони ҷангҳои харобиовару зиддиинсонӣ мегиранд. Ин шодихӯрдагони ноумед ва ғафлатзада дарку фаҳм намекунанд, ки ба ақидаи психолог – сиёсатмадор Д.В. Олманский, террористон аз рӯйи аломатҳои манфиатҷӯёна, ки аслан ба даст овардани сарват мебошад, амал мекунанд. Дигар ин ки, раҳбарони шабакаҳои сиёсии террористӣ (Ал- Қоида, ДИИШ, Ал-Ансор…) принсипҳои идеологӣ – ғоявии худро дар муборизаҳои хунин ва таркишу сӯиқасду қатли одамон ба дӯши мардум бор кардану онро ҳақ баровардани мешаванд. Террористону экстремистон мехоҳанд минтақаю кишварҳоро аз нав, бо фаҳмишу салоҳдиди худ тағйир дода, тақсим намоянд ва дар доираи тафаккуру ҷаҳонбинии маҳдуди таассубгароёна як давлати тозаи ба майлу иродаи худ созгорро таъсис бидиҳанд, ки тамоми ҳуқуқу озодиҳои мардумро аз байн бурда, онҳоро дар тирагию зулмоти асримиёнагӣ бардавор нигоҳ медорад. Гурӯҳҳои ҳаросафкани силоҳбадасти террористӣ ҳукмронии беадолатонаро, ки аз роҳи зӯрӣ, таъқибу фишор амалӣ мешавад, ҷабран густаришу тақвият медиҳанд. Дар меҳвари ин ҳукмронӣ барангехтани тарсу ҳарос нақши калидиро иҷро мекунад. Яке аз шеваҳои заҳҳоконаи гурӯҳҳои сиёсии террористӣ мағзшӯйии ҷавонон ва бо пешниҳоди наворҳои садистӣ (куштори азиятноки мардуми бегуноҳ) дар ниҳоди онҳо бедор намудани ҳиссиёти шавқу ҳавас ва майл ба террор, ки таваккалӣ сурат мегирад, ба шумор меравад. Қасду кинситезӣ, барои дифои «шаъну шарафи» дӯсти ҷанговарашон, ки аз ҷониби муқобил (ҳукуматдорон) ба ҳалокат расидааст, ба роҳ мондани амали террористӣ (аз ҷумла, сӯиқасд ва куштор), яке аз дигар роҳу равиши муборизаи ошкору пинҳони террористону экстремистон маҳсуб меёбад. Дар тафсири сифати Заҳҳок бединию бехирадӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунад. Магар дар рӯзи ҷумъаи муборак таркондани масҷиди ҷомеъро дар Афғонистон аз ҷониби террористоне, ки моддаи таркандаро дар бадани худ насб кардаанд ва ба марги ҳазорон намозгузори бегуноҳ сабаб гардидааст, мешавад аз фарти фазилату амали инсонӣ ҳисобид?!




Ин фоҷиаи гӯшношунидро он хирасароне анҷом медиҳанд, ки на аз дину мазҳаб хабар доранду на аз фазлу хирад. Дар низомномаи ҳаракату аҳзоби сиёсии террористӣ, ба тасдиқи олимони сиёсатмадор, аз ҷумла, Б.Савинков ба таври ошкору рӯшан омадааст, ки онҳо ҳамеша тайёр ҳастанд, ки дар роҳи баровардасохтани амалҳои фоҷиабори зиддиинсонӣ «шаҳид» эълон карда шуда, озод ба ҷаннат дароянд. Дар роҳи иҷрои ҳадафҳои нопоку муғризонаи худ аз марг ҳарос надоштан, ба худкушӣ омода будан, азобу таҳқиру шиканҷаро таҳаммул кардан аз сифатҳои террористону экстремистони замони муосир мебошад. Афзудани амалҳои террористӣ, махсусан, дар Ҷумҳурии Афғонистон бо ба сари ҳокимият омадани гурӯҳи «Толибон» боиси нигаронии ҷиддии кишварҳои ҳамсоя ва Тоҷикистон гардидааст. Сарварони Иморати исломии Афғонистон бо ба сари қудрат омадан қотеъона иброз доштанд, ки ба зуҳури амалҳои террористӣ дар кишварашон хотима мебахшанд. Вале ҳодисаву рухдодҳои моҳҳои охир бозгӯйи онанд, ки равандҳои хатарноки анҷом додани таркишҳо дар марказҳои маъмурӣ, сафоратхонаю масҷиду донишкадаҳо ва мадрасаю бозорҳо дар ин кишвар зиёд шуда, мӯҷиби ба вуҷуд омадани тарсу ҳарос ва бесарусомонию ноамнӣ гардидааст. Танҳо дар як сол дар натиҷаи амалҳои террористӣ дар ин кишвар 250 нафар бегуноҳ ба ҳалокат расидааст. Хислати дигари Заҳҳок рӯинатанию бешармӣ буда, ки дар ниҳоди ӯ муҳкам ҷой гирифта буд. Воқеан, террористону зархаридони гурӯҳу аҳзобу сиёсии ифротгаро амалҳои зиддибашарии худро, ки ба ҳалокати одамон ва вайрону валангор шудани биноҳои истиқоматӣ, идорию маъмурӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳо сабаб мегардад, бе ҳеҷ ибо қаҳрамонӣ ва мояи тафохур мешуморанд. Шунидани чунин иттилоъ – «Масъулияти ин амалиёти террористиро ДИИШ ва ё ҳар кадом ташкилоти ифротгарои мазҳабӣ ба уҳда гирифтааст» магар аз он намегӯяд, ки раҳбарону аъзои ин созмонҳои хатарноки ҷаҳонӣ даҳшату ваҳшат ва кирдорҳои ғайриинсонии худро на танҳо ҳақ баровардани мешаванд, балки онро «боадолатона» ва дар роҳи амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсияшон «безавол» мешуморанд. Раҳбарони созмонҳои террористӣ, ки асосан сиёсатмадорони нотавонбину дар арсаи сиёсат шикастхӯрда мебошанд, аз майлу хоҳиш ва орзуҳои саробосои дубора ба сари қудрат омадану ҳукмронӣ кардан даст накашидаанд. Онҳо дар ин роҳ аз ҳеҷ рафтору амали зишт рӯй намегардонанд, чунонки Заҳҳок баҳри бар тахт нишастан ба талқину васвасаи Иблис чоҳе канда, падарашро ба он сарнагун кард. Табиист, ки ин сарварони хомхаёл гурӯҳҳои муташаккили сиёсию яроқнокро аз шумули чаповулону ғоратгарон, асолатбохтагони таассубпеша, ҷаҳолатпешагони зархарид барои иҷрои мақсадҳои нопоки худ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, имрӯз равандҳои хатарзои ҷаҳонӣ дар ину он мамолику кишвар моро ҳушдор медиҳад, ки дар мубориза ба муқобили гурӯҳҳои террористӣ ва бо далоилу арқоми муътамад фош кардани таълимоти бебунёди зиддиинсонии ин ҳаракату созмонҳо муташаккилона амал намоем.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»***

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# Рисолати тарбиявии асари бадей

Яке аз роҳҳои тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ба омӯзишу мутолиа ҷалб ва фаро гирифтани онҳо мебошад. Аслан ба китобхонӣ шавқ пайдо кардани тарбиятгирандагон дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ ба маҳорату малакаи мураббияю омӯзгорон вобастагии зич дорад. Ман ҳамчун омӯзгор – мураббия дар гурӯҳи 6-солаҳо фаъолият мебарам. Дар ин гурӯҳ барои тарбияи маънавию маърифатии тарбиятгирандагон ва мутолиаю омӯзиши асарҳои бадеӣ аз ҷониби онҳо, аз усулу шеваҳои гуногун истифода мекунам. Нахуст ба онҳо аҳамияту манфиати китобу китобхонӣ, осори нависандагону шоироне, ки хос барои бачагон таълиф гардидаанд, жанрҳои ба синну солашон мувофиқ – афсона, ривоят, ҳикоятҳои хурд, латифаю чистон ва байтбараку тезгӯякҳо, адибони маъруфу шинохтаи ватанию хориҷӣ ва амсоли инҳо маълумот медиҳам. Воқеан, ба тарбиятгирандагон барои мутолиа бештар асарҳои афсонавии шавқоварро, ки бо забони содаву равон ва фаҳмо иншо шудаанд, тавсия кардан беҳтару судманд мебошад. Дар машғулиятҳои хониши бадеӣ аз рӯйи афсонаву ҳикояҳои тарбиявӣ таҳия ва ба намоиш гузоштани саҳнаҳои ҷолиб айни муддао мебошад. Ҳар як мураббӣ ва омӯзгор вазифадор аст, дар синфҳое, ки тарбиятгирандагони гурӯҳаш машғулият мегузаронад, гӯшаи китоб ё китобхонаи хурдро таъсис бидиҳад. Маълум аст, ки ба адабиёт осори насрию назмӣ дохил мешавад, аз ин рӯ, ба тарбиятгирандагон пешниҳод намудан ва ҳифзу аз бар кардани шеъру сурудҳои бачагона, ки дар мавзуъҳои мухталиф навишта шудаанд, низ аз аҳамият холӣ намебошад. Албатта, танҳо бо китобҳои кӯдакистон талаботи тарбиятгирандагонро ба таври пурра ва зарурӣ ба мутолиа қонеъ кардан ноимкон аст. Ба ин хотир, дар масъалаи хариду бо китобҳои бадеии бачагона таъмин намудани фарзандон мураббӣ-омӯзгор бояд робитаю ҳамкориро бо падару модарони онҳо ба дараҷаи зарурӣ ба роҳ монад. Яке аз дигар роҳҳои бедор намудани таваҷҷуҳи шогирдон ба мутолиа ва китоб ташкили саёҳати фаннӣ (экскурсия) ба Китобхонаи миллии ҷумҳуриявӣ ва китобхонаи бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар мебошад. Шиносоии наздик бо китобҳои пурмуҳтаво, ороишёфта ва ранга зуд диққати тарбиятгирандагонро ба худ ҷалб месозад. Ба онҳо талқин кардан лозим аст, ки бояд ҳар яки мо аз асрору рамзи дохили ин китобҳо бохабар шавем, ба он ноил гардем, ки мазмуни ин асарҳоро фаҳмида, дар бораи қаҳрамонони он тасаввурот ҳосил намоем. Ба бепарвоӣ роҳ надода, мураббиёну омӯзгоронро зарур аст, ки дар кӯдакистон бо даст додани шароиту имкон вохӯрию мулоқотҳоро бо шоирону нависандагони бачаҳо ташкил ва баргузор намоянд, зеро дидори бевосита бо онҳое, ки барои бачагон асар меофаранд, таъсири хосаи файзбахше дорад.

***Назокат МИРЗОЕВА,*
*мураббияи муассисаи томактабии*
*рақами 157, ноҳияи Сино***

**Дар ноҳияи Дарвоз муҷассамаҳои арбобони шинохтаи санъати тоҷик Борбади Марвазӣ, Акашариф Ҷӯра ва Абдулло Назрӣ гузошта мешавад.**

ШУҶОАТ

# Артиши миллӣ – мактаби матонату ҷасорат

**Тарбияи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ ба Ватану миллат, ҳушёру зирак, мубориз роҳи ҳақиқату адолат вазифаи муҳимтарини Ҳукумат ва роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомии кишвар ва умуман, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**

***Эмомалӣ РАҲМОН***

***Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароит баҳри фаъолияти бавусъати аскарону афсарон ва кулли хизматчиёни ҳарбӣ мунтазам хубтару беҳтар гардида истодааст.***

Мавриди зикр аст, ки Артиши миллӣ таҳти сарварии бевоситаи Пешвои муаззами миллат дар давраи наздик ба 30 соли мавҷудияти хеш рушду нумуъ ёфта, аз ҳар



ҷиҳат мукаммал гардидааст.

Боиси ифтихор ва қаноатмандист, ки имрӯз дар фазои сулҳу субот ва зери осмони мусаффои кишвар ҷавонон бо амри дил ва бо ҳисси ватандӯстӣ барои хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ омода мебошанд.

Хушбахтона, Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар роҳи сохтани ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дошта, тарбияи ватандӯстии ҷавонон яке аз самтҳои муҳими сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ арзёбӣ мегардад.

Сол то сол масъулияти ҷавонони диёрамон дар роҳи расидан ба ормонҳои миллӣ афзуда истодааст. Теъдоди наваскароне, ки имрӯз бо хоҳиши худ ба сафи мактаби мардонагӣ - Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар мегарданд, зиёд гардида, ҳама дарки онро доранд, ки ояндаи давлату миллат ба онҳо вобаста аст.

Ҷавонони сарбаланд ва бооруномуси Ватанамон ҳисси масъулият мекунанд, ки ҳифзи Ватан қарзи ҷавонмардӣ буда, ҳимояи марзу бум ва таъмини амнияту осудагӣ мояи ифтихору шараф маҳсуб меёбад.

Дар адои ин рисолати пуршараф аз онҳо ҳушёрию зиракӣ, матонату ҷасорат ва дар ҳифзи Ватани азиз ҷасур будан тақозо шавад.

Боиси ифтихормандист, ки имрӯз дар сафи Артиши миллии кишвар ҷавонони қавииродаву ватандӯст хизмат мекунанд, ки барои ҳифзи марзу буми Ватани азизамон ва дар роҳи таъмини амнияти миллату давлат бо ҳар қимате омода ҳастанд.

Ҳамзамон, хизматчиёни ҳарбии кишвар, аз генерал то сарбози қаторӣ, бо хизмати садоқатмандонаи худ дар эъмори ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ саҳми арзанда гузошта, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сарбаландона иҷро мекунанд, манфиатҳои сиёсӣ, якпорчагии Ватани азизамон ва марзу буми онро аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна ҳимоя менамоянд.

***Хуршед МУСТАФОЗОДА,***
***сармуфаттиши прокуратураи ҳарбии гарнизони Суғд, полковники адлия***

21 СЕНТЯБР – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲ

# Ошёни сулҳ гашта Тоҷикистони азиз!

***Ҳазорсолаҳост, ки дар арсаи олам масъалаи ҷанг ва сулҳ дар маркази мубоҳисаву маҳфилу ҳамоишҳои халқҳову миллатҳову давлатҳо қарор гирифтааст. Воқеан ҳам, зиндагии одамон дар сайёра бо ин масъалаи глобалӣ пайванди устувору ҳамешагӣ дорад.***

Кишри пешқадаму равшанфикр ва тамаддунпарвари ҷаҳон қотеъона ва пайваста дар ҳама айём ба ҷонибдории сулҳ дар саросари дунё овоз баланд кардаву онро омили асосии ҳамзистии осоиштаи халқҳо ва шукуфоиву пешрафти ҳамагонӣ эътироф бинмудаанд. Таърихи башар борҳо собит кардааст, ки ҷанг, ихтилофу зиддият ба аҳли сайёра танҳо ва танҳо бадбахтию маҳрумиятҳо, вайронию нокомиҳо подош овардааст ва низ маҳз ҷанг боиси аз байн рафтани кишвару шаҳру деҳоти обод, асарҳои барҷастаи фарҳанг ва амсоли инҳо гардидааст. Ҷанг даҳшат, вабо, сӯхтор, куштор, бераҳмӣ ва марги ҳақиқату адолат аст. Вақте ки оташи ҷанг аланга мезанад, тару хушк месӯзад, одамон кушта мешаванд, садои шевани модарон дилҳоро маҳзун месозад. Ҷанг саропо сиришта аз даҳшат аст. Баръакси ин, сулҳ муҳимтарин омили бақои халқу миллату кишварҳост, он ба озодию ободӣ, пешрафту хушбахтӣ ва ба хандаю шодӣ мусоидат мекунад, одамонро ба ҳам меорад ва бахтро дар тахт мешинонад. Сулҳ дунёи моро зебою баҳористон мекунад. Дар чеҳраи шукуфтаи модарон, дар хандаи беғаши кӯдакон, дар тантанаҳои сурурбори мардум ва дар нишоту хушбахтию болидарӯҳии ҳамагонӣ ифода меёбад сулҳ.



Замини нозанини мо борҳо ба вартаи фано (бар асари ҷангҳои ҷаҳонӣ) дучор омадааст, вале ҳар бор маҳз сулҳ онро аз чанги нестӣ раҳоӣ бахшидааст. Аз ин ҷост, ки мардумони хайрхоҳу тамаддунпарвар дар ҳама олам тараннумгару парчамафрози сулҳанд ва маҳз сулҳро наҷотбахшу ободгари олам, неруи муттаҳидсози тамоми халқҳо медонанд.

Бо дарки амиқу дақиқи нақши сулҳ дар ҷаҳон ва бо ҳадафи зери парчами сулҳ муттаҳид намудани тамоми кишварҳои олам ва сокинони он Созмони Милали Муттаҳид 21 сентябрро Рӯзи байналмилалии Сулҳ эълон кардааст. Таърихи таъйин ва эълони ин рӯзи муборак аз соли 1981 ибтидо мегирад.СММ ҳадафи асосии ин амалро «ба ҳам овардану муттаҳид сохтани тамоми неруҳои сулҳпарвар дар ҷаҳон» тавсиф бахшидааст. Таъйини Рӯзи байналмилалии Сулҳро мардумони ҳамаи қитъаҳои олам самимона пазируфтанд ва инак, даҳсолаҳост, ки ин рӯзи муборак дар тамоми кишварҳо таҷлил мешавад. Дар Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоли мо Рӯзи байналмилалии Сулҳ шукӯҳу шаҳомати хос дорад. Тоҷикон табиатан халқи сулҳпарастанд, ба ҷанг нафрат доранд ва ҷонибдори ҳаёти осоиштаву бунёдкорона, дӯстию рафоқат ва робитаҳои хайрхоҳонаи тамоми халқу миллатҳо мебошанд. Дар қадимтарин осори хатии халқи бостонгуҳари мо «Авасто» сулҳ ситоиш ва ҷанг накуҳиш шудааст. Устод Лоиқ хилқати сулҳпарваронаи халқи тоҷикро дар манзумаи барҷаставу ҳақиқатнигоронаи «Таърих гувоҳ аст» хеле муассиру фарогир ба қалам додааст. Ин пора аз ҳамон манзума аст:

*Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне*
*Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина*
*Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.*
*Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих*
*Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб*
*Бар фарқи саре найзаву ханҷар накашидаст.*

Ҳодисаҳои мудҳише, ки солҳои 90-уми садаи бистум дар Тоҷикистон бо дасту иғвои неруҳои аҷнабӣ ва бо кӯшишҳои хоинонаи иддае аз нотавонбинону ҷоҳталабони дохилӣ ба вуқуъ пайвастанд, дар фарҷом бори дигар ҳамеша ва дар ҳама гуна ҳолат гаравиш ба сулҳ доштани халқи тоҷикро собит сохтанд. Тоҷиконро бори дигар сулҳ аз вартаи ҳалокат раҳоӣ бахшид. Ин дафъа парчамафрози сулҳи тоҷикон абармарди дунёи сиёсат ва ватандори хирадсолор Эмомалӣ Раҳмон гардид. Бо лутфи Худованди бузург дар лаҳзаҳои барои тоҷикон тақдирсоз ин марди ҷасуру диловар ва якрӯю меҳанпараст ба сари қудрат омад ва нахустшиораш ин буд: Ман ба шумо сулҳ меоварам! Дар натиҷаи корномаи бузурги пур аз фидокорию садоқатмандии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷумҳурии тозаистиқлоли мо на танҳо гиребони худро аз қабзаи бетараҳҳуми ҷанг комилан озод кард, балки тадриҷан ба ошёни сулҳ табдил ёфт. Корномаи сулҳпарваронаю ватандӯстонаи ин сиёсатмадори барҷаста оламиёнро ҳам ба ҳайрат оварду ҳам мафтун сохт. Дар бораи ҷоннисориҳои Сарвари кишварамон, хушбахтона, имрӯз ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам хориҷ аз он садҳо рисолаву китоб чоп шудааст, ки ҳама моломол аз нидои таҳсину офарин, сипосмандию шукргузорӣ ва мадҳу ситоиши асосманданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат эътироф гардидаанд.

Ба шарофати тантанаи сулҳ ва таъмини зиндагии осоиштаву нишотбори ҳамагонӣ дар Тоҷикистон созандагию бунёдкорӣ авҷ гирифт ва кишвар дар як муддати кӯтоҳ ба дараҷаи шинохтанашаванда тағйири симо кард, бештар зебою дилрабо гардид. Имрӯз ҳама ҷо сухан аз роҳҳои ободу мумфарш, нақбҳои тӯлонию мунаввар, неругоҳҳои барқи обӣ, биноҳои осмонхарош, коргоҳҳои тозатаъсис, бунёди таълимгоҳҳо ва муҷаҳҳазсозии онҳо… меравад. Тоҷикон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт – иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму маориф, варзиш, сохтмон… ба комёбиҳои чашмрас ноил гардидаанд. Ҷумҳурӣ ба ҳадафҳои стратегии худ, ки дар заминаи сиёсати халқпарваронаю хирадмандонаи Пешвои миллат эълон шудаанд, дастрасӣ пайдо мекунанд ва пайваста пеш меравад. Тамоми комёбиҳои мо, албатта, бо сулҳи деринтизори мо пайванди ногусастанӣ доранд. Сулҳ сарзамини баҳоросои тоҷиконро дурахшу тароватии тоза эҳдо кардааст. Сулҳи тоҷикон безаволу ҷовидонист, хуршеди тобони миллат аст он. Сухан аз сулҳ ва моҳияту аҳамияти он бардавом аст ва мо ин ҷо ишорае чанд ба ифтихори Рӯзи байналмилалии Сулҳ ба он кардем. Хушо, ки дар Тоҷикистони азизу сулҳошёни мо имрӯз дар пайравӣ ба Пешвои миллат хурду калон пайваста ситоиши сулҳ мекунанд ва нидо дармедиҳанд: -Суруди сулҳ доим дар забонам!

Мехоҳам иқтибосе аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳусни анҷоми ин гузориши фишурда бошад: «Сулҳ бузургтарин сарвату неъмати мо – тоҷикон аст. Қарзи имонӣ ва вазифаи ҷониву шаҳрвандии ҳамаи мост, ки сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, амнияту осудагӣ ва тамоми дастовардҳои истиқлоли давлатамонро ҳамеша ҳифз кунему арҷ гузорем».

***Зубайда ШАРИФОВА,***
***директори мактаб-интернати №3-и шаҳри Душанбе***

**Аз 14 то 18 октябр бори аввал дар Тоҷикистон Бозиҳои XVI Делфии ҷавонони давлатҳои узви ИДМ бо иштироки 600 нафар аз рӯи нуҳ номина баргузор мегардад.**

БА ОЗМУНИ «ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲОМӢ, АРҶГУЗОР ВА ТАРҒИБГАРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

# Арҷгузори забони миллӣ

***Забони фасеҳу равон, забони илму адаб, забони фарҳанги волою нобу ширини шоиронаи тоҷикӣ, ки таърихи басо куҳанро тай карда, дар тамаддуни башарият мақоми волоеро сазовор гаштаву дили чандин нобиғаю суханвари оламро тасхир намуда, эшонро шефтаи лаҳни шевою гуворои худ гардонида буд, имрӯз низ соҳиби нуфуз ва обрӯву эътибори хосае мебошад.***

Забони ноби тоҷикӣ, ки бо перояи ваҳдатофаринӣ ва рақобатпазирӣ ороста гардидааст, бо дигар забонҳои истилогароне, ки ҳамроҳашон ба ин мулк оварда буданд, муборизаи беамон бурда, ба болои ҳамаи онҳо пирӯз гардидаву аз ҳама гуна муқовиматҳо сарбаландонаву ғолибона берун баромадааст. Чунончи, ҳангоми таҳоҷумаш Искандарӣ Мақдунӣ қисмате аз «Авесто»- китоби муқаддаси оини Зардуштро сӯзонида, хокистарашро ба об андохта буд ва мехост фарҳангу забони юнониро роиҷ гардонад, аммо дар як муддати ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ боз аз нав забони форсӣ мақому манзалати хешро тавассути фарзандони фарҳангдӯсту арҷгузору эҳёгараш аз нав ба даст овард.

Бахусус, дар замони истилои араб, ки зери ниқоби ҷорӣ намудани дини ислом мехостанд ҳатто ин забонро тамоман аз беху бунёдаш барҳам диҳанд, боз тавассути фарзандони адабпарвару илмдӯсташ, ба мисли Абу Ҳанифа, Имом ал Бухорӣ, Рӯдакию Фирдавсӣ ва садҳо дигар родмардони баномусу баораш аз тундбоди офатситези таҳмилгарони худкомаҷӯй раҳоӣ ёфт ва роҳи худро бо дидани чандин зарбаҳо сахти таърихӣ идома дод, ки дар ин маврид шоири ширинкаломи тоҷик - Лоиқи ширинсухан шукӯҳу шаҳомат ва мисоли кӯҳ побарҷову устувор будани онро хело нуктапардозона ба рӯйи сафҳаи заррини тамаддуни башарият ҳаккокӣ карда, нигоштааст:

*Порсӣ хонда намози хештан,*
*Дар замоне, ки араб ҷаррор буд.*

Ва ин воқеияти таърихиро ҳатто яке аз муаррихони машҳури арабтабор Наршахӣ дар асари машҳури хеш ёдовар шуда, собит намудааст,, ки дар аксарияти масоҷиди Бухорои шариф китоби муқаддаси оини мусалмонон - Қуръони маҷидро бо форсӣ мехондаанд.

Дар замони салтанати сулолаҳои турктабор низ забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ, забони шеъру шоирӣ ва илму маърифат арзи ҳастӣ намудааст. Пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр ва дар ҳайати давлати Шуравӣ будан ҳам, гарчанде ки бо баъзе камбудиҳояш, яъне пайдошавии пантуркизм ва дигар ҷараёнҳои миллатгароёнае, ки ба бумӣ будани тоҷикон ва куҳанбунёдии ин миллати тамаддунофар хати батлон мекашиданд, маҳз тавассути муборизаи шуҷоатмандонаи фарзандони хирадманду асолатпешааш ба мисли Садриддин Айниву Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафурову садҳои дигар ва инчунин, дар авохири солҳои 80-ум мавқеи дуввумдараҷаро гирифтанаш, яъне дар ин давра ҳатто дар шаҳрҳо бархе ашхосе дучор меомаданд, ки бо вуҷуди тоҷик будан бо забони русӣ ҳарф мезаданд, баъзеи дигар бо забони махлути тоҷикиву русӣ муомилаи афкор менамуданд. Албатта, ин сабаб ҳам дошт, зеро дар солҳои 1965-1985 мақому манзалати забони тоҷикӣ дар сатҳи роҳбарияти сиёсии давлатӣ боре ҳам мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор нагирифта буд, баръакс, дар ин замон дар ҷомеаи онвақтаи Шуравӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ сиёсати якҷонибаи русикунониро пеш гирифта буданд, ки ин сиёсати номатлуб ҷойгоҳи забони халқияту миллатҳои гуногун, аз ҷумла, забони тоҷикиро хеле маҳдуд намуда, ҳатто бархе аз онҳоро билкул аз миён бурд, вале бо вуҷуди ин ҳама харҷу марҷҳо, забони тоҷикӣ мавқеи худро хуро нигоҳ дошта тавонист.

Хушбахтона, бо баробари соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон, расидани насими тозаи мустақилият ва бахусус, бо саъйю кӯшиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун даврони Сомониён забони тоҷикӣ на танҳо дар ҳудуди кишвар, ҳатто берун аз он дар саросари



олам манзалату шуҳрати беназиреро касб намуд. Ин фарзанди баруманду фарзонаи миллат ҳанӯз дар аввалҳои ба сиёсат қадамҳои нахустин гузоштанаш ба рушду нумӯ ва такомулу таҳаввули забони тоҷикӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маданӣ андешаву афкори худро равона намуд. Масъалаи арҷгузорӣ ба забони модарӣ ҳанӯз аз соли 1994, аз оғози ба маснади Президенти кишвар таъин шудани ин абармарди фарзонаи миллат шуруъ гардида, то имрӯз идома дорад. Пешвои миллат дар сиёсати пешгирифтаи хеш масъалаи забонро муҳимтарин ва арзишмандтари рукну пойдории миллат ҳисобида, дар ин росто пайваста онро мавриди сиёсати хирадмандонаи хеш қарор медиҳад. Имрӯзҳо ин забон, забони расмии нишасатҳо, конфронсҳо, ҷаласаву анҷуманҳо, забони расмии коргузории идораву ташкилотҳо, макотибу муаассисаҳои таълимӣ, корхонаву вазоратҳо гардидаast. Маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаву оқилонаи Сарвари давлат, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ин забон ба арсаи байналмиллалӣ баромада, дар баландтарин минбарҳои кишварҳои бонуфузтарини олам, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид бо шукӯҳи хосае садо медиҳад, ки бешак, он мояи ифтихормандии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад. Яке аз хизматҳои беназири Сарвари давлат дар самти беҳбудбахшӣ ва эҳтирому арҷгузорӣ ба забони миллии тоҷикон, офаридани асари пурмуҳтавою пурарзиши илмии он кас - китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» ва ҳамчунин, тарҷумаи китоби муқаддаси «Қуръон» ва нашри китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров бо теъдоди 1000000 нусха мебошад.Бояд тазаккур дод, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳифзу густариши 11 забоне, ки таърихан бо забони тоҷикӣ рабти қавӣ доранд, аз қабили забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ, ки ҳоло ҳам дар миёни ин халқиятҳо роиҷанд, зери назорати қатъӣ ва ҳимояти ҳукумати кишвар қарор дорад.

Яке аз хидматҳои бузурги Сарвари давлат, қабули Қонун «Дар бораи забони тоҷикӣ» ва таҷлили Рӯзи забони давлатӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки дар замони Шуравӣ қонун «Дар бораи забони тоҷикӣ» 22 июли соли 1989 қабул гардида буд ва аз сабаби номукаммалӣ оид ба мақоми давлатӣ ва доштани баъзе норасоиҳо 5 октябри соли 2009 бо дастури Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қонуни забони давлатӣ ислоҳу тағйиротҳо дароварда шуд, ки он дар арсаи байналмиллалӣ соҳиби нуфузу эътибори баланд гардид. Агар дар замони Шуравӣ телевизиону радиои Тоҷикистон дар як шабонарӯз дар ҳудуди 8- 10 соат барномаҳоро пахш менамуд, ки бештарини онҳо бо забони русӣ сурат мегирифтанд, вале имрӯз шабакаҳои телевизионию радиоии давлатию хусусӣ хеле зиёд гашта, пахши барномаҳо бо забони тоҷикӣ, ба истиснои баъзе аз барномаҳои таҳлилӣ-иттилоотӣ пурра сурат мегиранд.

Дар ростои таҳкимбахшӣ ба забони давлатӣ як силсила барномаҳои давлатӣ, марказҳои омӯзиши забони давлатӣ тартиб ва таҳия шудаанд. Омӯзиши забони давлатӣ дар тамоми қишрҳои ҷомеа ва таълими он дар тамоми муассисаҳои гуногуни кишвари тоҷикон ба таври ҷиддӣ ва васеъ ба роҳ монда шуд. Яке аз падидаҳои нодир эҳё ва батанзимдарории номҳои асили тоҷикӣ, исмҳои тоҷиконаи ҷуғрофию таърихӣ бо риояи меъёрҳои қоидаҳо имлои забони тоҷикӣ мебошад. Имрӯз бисёр вожаву таркибҳое, ки дар натиҷаи ҳаводиси таърихӣ мавқеи худро аз даст дода буданд, аз нав бо муодилоти тоҷиконааш иваз карда шудаанд. Чунончи Суғд, Хатлон Бохтар, Кушониён, Рашт Сайҳун, Ҷайҳун, Истаравшан. Дар ин масъала бо дастури Пешвои миллат китоби «Фехристи номҳои миллии тоҷикӣ» сурат гирифт, ки яке аз василаҳои боз ҳам ба асолати забони тоҷикӣ ва арҷгузорӣ ба ҳуввияту арзиши миллӣ касб намудани ин забон мусоидат намуд.

***Абдурашид АЛОВИДДИНОВ,***
***ҷонишини директор оид ба тарбия дар МТМУ рақами 20, ноҳияи Айнӣ***

ОМӮЗИШ

# Забондонӣ тавоноист

Дар замони мо, дар баробари донистани забони модарӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз қабили русиву англисӣ хеле муҳим аст. Зеро дар асри навин танҳо онҳое дар кору фаъолияти хеш бештар муваффақ мегарданд, ки донандаи забони хориҷӣ бошанд.

Забони русӣ махсусиятҳои сарфию наҳвии худро дошта, омӯзишу азхудкунии қоидаҳои грамматикаи он барои толибилмон мушкилиҳои зиёде эҷод мекунад. Омӯзгори соҳиблаёқату варзида дар омӯзонидани ин фан диққатро бояд ба он равон созад, ки нахуст хонанда аз худ кардани луғату дарки маъноии калимаҳоро бо ин забон хубтару беҳтар аз бар кунад. Омили дигаре, ки ба амиқтар фаҳмидану аз худ кардани забони русӣ мусоидат мекунад, тарзи дурусту талаффузи калимаҳо маҳсуб меёбад. Маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳкурсии донишҳои аввалия аз фанни забони русӣ гузошта мешавад.

Бар замми ин, савияи дониши омӯзгор дар саводнок намудани хонанда нақши муҳим мебозад ва ӯ тавассути дониши худ метавонад сифати таълимро боло бардошта, шавқи хонандаро ба омӯзиши забон беҳтар намояд.

Таълими имло ва грамматика барои аз худ намудани зуҳуроти грамматикии нутқ ҳамчун ҷузъи таркибии таълими забони хориҷӯ имконоти зарурӣ фароҳам меорад. Хонанда ба ин восита метавонад имлоро ёд гирад, забони русиро беҳтар омӯзад ва дар ҷараёни таълиму кор аз онҳо истифода намояд.

Омӯзгор бояд ҳадафи асосии худро дар таълими грамматикаи забони русӣ барои хонанда дар дуруст омӯзондани забони гуфтугӯ равона намояд. Ин ҳангоми хондан ва гӯш кардан фикри худро иброз доштан маълум мегардад. Яъне донишмандии хонанда дар равиши дарсҳо оҳиста – оҳиста ташаккул меёбад ва заминаи саводомӯзиаш меафзояд.

Чунонки маълум аст, фанни забони русӣ низ дар муассисаҳои таълимӣ ба таври ҳамгиро омӯзонида мешавад. Аз ин хотир, татбиқи амалии донишҳои назариявӣ дар заминаи матнҳо, ки аз осори шоиру нависандагони рус дар китобҳои дарсӣ интихобан ҷой дода шудааст, бояд сурат гирад. Ҳангоми таълими ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адибони рус омӯзгор ҷиҳати зудтар аз худ кардани ин забон ва бо он беғалат ҳарф задану муошират кардани шогирдон бояд аз роҳу усулҳои гуногун, махсусан, аз муколамаҳо (диалогҳо) ва ташкилу баргузории саҳнаҷаҳо бояд истифода намояд. Хонандаро бояд таҳрик бахшид, ки дар бораи матн (ҳикоя, қисса, роман, шеър, достон) на танҳо нақл кунад, балки фикру андешаҳои вижаи худро доир ба раванди инкишофи воқеаҳо, образҳои мусбату манфии асар, тасвири пейзаж (манзараҳои табиат), аҳамияти тарбиявию ахлоқии ҳикоя ё достон, аз қабили ватандӯстию гуманизми қаҳрамон ва дар маҷмӯъ, эҳсоси худшиносию дарки одамият озодона баён намояд.

Омӯзгор бояд қобилияти фаъолона истифода бурдани падидаҳои морфологӣ ва синтаксисро барои расидан ба сатҳи баланди маҳорати нутқ равона карда тавонад. Ҳамин тариқ, ташаккули малакаҳои грамматикӣ дар байни хонандагони муассисаҳо яке аз ҷузъҳои муҳимтарини малакаҳои нутқ дар гуфтугӯ, гӯш кардан, хондан ва навиштан мебошад. Хонандаи замони муосир бояд ба омӯзиши забони Пушкину Горкий аҳамияти ҷиддӣ дода, асарҳои барҷастаи шоиру нависандагони рус М.Лермонтов, Н.Некрасов, Н.Гогол, А.Чехов, Л.Толстой, Ф.Достоевский, А.Пушкин, М.Горкий, М.Шолохов, С.Есенин, В.Маяковский ва бисёр дигаронро мутолиа карда, донишу ҷаҳонбинии худро тақвият бахшад. Дар мутолиаи асарҳои адибон омӯзгор бояд ба он диққат диҳад, ки хонанда ба оҳангу задаи калима бо назардошти махсусият ва табиати ин забон таваҷҷуҳ намояд. Зада (ударение) дар тарзи талаффузи дурусти калимаҳо аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми баргузории машғулиятҳо омӯзгор бояд аз воситаҳои аёнию техникии муосир самаранок истифода намояд. Ҳамчунин, сайру саёҳати фаннӣ ба мавзею маконҳои таърихии кишвар, боздид аз осорхонаҳо, тамошои филмҳо аз рӯйи асарҳои адибони рус, вохӯрию мулоқот бо пешқадамони истеҳсолот дар самти беҳтару хубтар аз худ намудани забони русӯ нақши муҳим мебозад.

Тавре дар боло таъкид кардем, омӯзиши ҳаматарафаи забони русӣ ба омӯзгорон асосан дар синфҳои поёнӣ вобаста аст. Хонанда донистану аз бар кардани калимаҳо, тарзи талаффуз ва бехато ҳарф заданро бо ин забон маҳз дар ҳамин давра аз худ мекунад. Истифода аз расмҳои шавқовари ранга, хондану нақли афсонаҳои хурди диққатҷалбкунанда, ҳифзу қироати шеъру сурудҳои сода, тафсиру тавзеҳи луғатҳо ва амсоли ин ба он мусоидат мекунад, ки хонанда ба омӯзиш ва сухан гуфтан бо ин забон зиёдтар таваҷҷуҳ намуда, шавқмандӣ то синфҳои болоиро ӯро тарк намекунад.

Бузургон беҳуда нагуфтаанд: “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ”.

***М.АХУНОВА,***
***М.САТТОРОВА,***
***омӯзгорони коллеҷи тиббии шаҳри Гулистон***

**Миёни хонандагони синфҳои 10-11-и мактабҳои шаҳри Ҳисор маҳфил-озмуни «Забони миллат – ҳастии миллат» баргузор мегардад.**

*Қурбони Ватан бош, ки қурбонат шаванд.*
*Ҳикмат*

«Омӯзгор» № 38, 22 сентябри соли 2022

**МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД**

# Тафаккури иқтисодӣ муҳим аст

*Ҳар раванду ҳодисоти ҳаёти инсон ва умуман, кулли мавҷудот хусусияти табиӣ доранд, ки ба хоҳишу орзуҳои мо вобаста нестанд. Вазифаи мо амиқ омӯхтан, пурра донистани механизмҳои фаъолияту талабот ва дар ҳаёту фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба инобат гирифтани мавқеи онҳо мебошад. Масалан, хӯрокию нӯшокӣ, ҳаракатҳои мақсаднок... асоси нигоҳ доштани ҷисми зиндаи мо мебошанд.*

Мутафаккири бузург К.Маркс фармудааст: «Ҳар як кӯдак медонад, ки дар муддати чанд ҳафта миллат аз гуруснагӣ мемирад, агар вай ҷараёни меҳнат ва истеҳсолотро боздорад».

Фаҳмиши материалистии таърих таълим медиҳад, ки истеҳсолот ва баъд аз истеҳсолот муомилоти маҳсулоти он асоси ҳама гуна сохти ҷамъиятиро ташкил мекунад.

Бинобар ин, илми асосҳои назарияи иқтисодро беҳтар мебуд, иқтисоди сиёсӣ мегуфтем.

Бо мафҳуми васеъ асосҳои назарияи иқтисод илм оид ба қонунҳои идоракунии истеҳсолот ва муомилоти неъматҳои зарурии ҳаёти ҷамъияти инсонӣ мебошад. Вале имрӯз баъзе аз ислоҳотгарони илми асосҳои назарияи иқтисод онро ба фанни «Бизнес-нақша» иваз карданд. Асосгузори илми иқтисодиёт навиштааст: «Вобаста ба мавзуъ чанд кашфиётро мисол меорем. Дарвин қонуни рушди ҷаҳони органикиро ва Маркс қонуни рушди таърихи инсониятро кашф карданд».

Мазмуни ин қонуниятҳо чунин аст; одамон дар навбати аввал бояд хӯранд, нӯшанд, хонаю либосу дигар асбобу воситаҳои зиндагӣ дошта бошанд, то ки баъд аз он ба сиёсату санъату илму инкишофи ҷисми худ машғул шаванд. Хулоса, ҷанобоне, ки ба хотири лоиҳаҳои пулакӣ илми асосҳои назарияи иқтисодиро инкор мекунанд, бояд хуб донанд, ки зарурати ин илм бебаҳс аст. Мутафаккири юнонӣ Ксенофонт дар асрҳои V-1V то мелод асосҳои назарияи иқтисодро қонун ва санъати хоҷагидорӣ гуфтааст. Зарураташ вобаста ба пайдоиш ва ҳастии инсон мебошад. Истеҳсоли бевоситаи неъматҳои зиндагӣ марҳилаҳои рушд ва давраҳои зиёдеро дар бар мегирад.

Дар асоси он ақидаҳои ҳуқуқӣ, санъат, мафкураҳои динию ахлоқии одамон пайдо мешаванд.

Иқтисоддони асри XX Ҷон Кейнс қайд кардааст, ки ақидаи иқтисоддонҳо, хоҳ ҳақ бошанду хоҳ хато кунанд, ҳамеша аҳамиятнок аст. Дар ҳақиқат, онҳо ҷаҳонро идора мекунанд ва дар созмонҳои байналмилалӣ мавқеи калидӣ доранд. Беҳуда нест, ки имрӯзҳо дар сохторҳои олимақоми давлатҳо ба сифати мушовир олимон – иқтисоддонҳои варзида фаъолият мекунанд. Соли 1943, вақте ки фаъолияти Фонди байналмилалии асъорро ба нақша мегирифтанд, Ҷ.Кейнс, иқтисоддони маъруф, яке аз муаллифон ё мураттибони он буд. Ё худ солҳои 90-уми асри XX иқтисоддонҳои машҳури Тоҷикистон, академикҳо Талбак Назаров, Нуриддин Қаюмов ва дигарон дар атрофи Президенти мамлакат муттаҳид гардида, дар муайянсозии самтҳои сиёсати минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳиссаи сазовор гузоштанд.

Мавриди зикр аст, ки шахсиятҳои бузург ба илми асосҳои назарияи иқтисод (ба интеллектуалҳои он) диққати ҷиддӣ додаанд. А.С. Пушкини бузург дар асараш «Евгений Онегин» навиштааст: «Дашном додам Гомерро, Феокритро, аммо хондам Адам Смитро ва иқтисоддони ҷасур шудам. Яъне тавонистам ҳукм кунам, ки чӣ тавр давлат бой мешавад ва чӣ аҳвол дорад. Вақте ки маҳсулоти одӣ набошад, тилло ба мо даркор нест».

Ба фикрам, зарурати исбот кардан нест, ки дар шароити системаи хоҷагидории ҳозиразамон барои ҳар як шаҳрванди солимфикр ҷиҳати амалӣ гардонидани фаъолияти самарабахши ҳаматарафа ва пурра аз худ кардани асосҳои назарияи иқтисод ҳатмист.

Масъалаи аз худ кардани дониши иқтисодӣ аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад. Ин илм зарурати пурра таҳлил кардани мазмуни дониши иқтисодиро таъкид менамояд ва нақши он дар таъмини фаъолияти пурсамари истеҳсолот ва донистани қонуниятҳои рушди он хеле бузург аст.

Ташкили таҳлили усулҳо ва воситаҳои ташаккул додани мафкураи иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Агар сатҳи мафкура ва тафаккури иқтисодии аҳолӣ паст бошад, мамлакат миллиардҳо сомонӣ талафот медиҳад.



Бесабаб набуд, ки дар кишварамон бо ибтикори Президенти мамлакат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ қонуни махсус қабул карда шуд.

Ин иқдоми бузург моро ба сарфакорӣ ҳидоят намуд. Ба ивази аз паси лоиҳаҳову маблағҳои калон давидану илми асосҳои назарияи иқтисодиро аз нақшаи таълимӣ гирифтан, вазъияти иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои ватанамонро омӯхта таҳлил карда, хулосаҳои судманд пешниҳод намудан манфиатовартар хоҳад буд.

Яке аз масъалаҳои барои ҳар як шахс ҳаётан зарур тарбияи тафаккури иқтисодӣ мебошад, ки аз ҳар ҷиҳат манфиатбор аст.

Абуалӣ ибни Синои бузург таъкид кардааст, ки ҳар як донаи гандум боигарист.

Вазифаи муқаддаси илми иқтисод аз овони кӯдакии ҳар шахс тарбия кардани тафаккури иқтисодӣ мебошад. Нонрезаю қатраи об неъматҳое мебошанд, ки бе онҳо ривоҷи ҳаёт таъмин намешавад.

Тафаккури иқтисодии инсон модарзодӣ нест. Онро дар раванди фаъолияту донишандӯзӣ ва пеш аз ҳама, дар рафти машғулият бо истеҳсолот соҳиб мешаванд.

Сарчашмаи пайдоиши тафаккур муносибат ё ҳамкории байни одамон аст. Одамоне, ки истеҳсолот ва муносибатҳои худро рушд медиҳанд, якҷоя бо ин мафкураи худро тағйир медиҳанд. Ирода ҳаётро муайян намекунанд. Ҳаёт муайян мекунад иродаро.

Хусусияти асосии дониши иқтисодӣ иборат аз он аст, ки бевосита алоқа дорад ба манфиати инсон ва пеш аз ҳама, манфиате, ки инсонро идора мекунад.

Манфиат ҳамчун категорияи иҷтимоии иқтисодӣ рафтор, гуфтор ва фаъолияти аъзои ҷамъиятро ифодагар аст.

Раванди дониши иқтисодӣ бо ёрии мафҳумҳои муайян, ба монанди таъриф, хислат, алоқа, сифат, вобастагии ҳодисот ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ ифода мешавад.

Ташаккули фаҳмиши илмӣ дар ҷараёни дар абстраксия (яъне аз ҳодисоти зиёд интихоб кардани ҳодисоти асосӣ), ки методи асосии фаҳмиши равандҳои иқтисодист, амалӣ мегардад. Мафҳумҳои иқтисодӣ зиёд ва аз ҷиҳати мазмун гуногунанд. Аммо аз байни онҳо мавқеи асосии муҳитро категорияҳо ва қонунҳо ишғол мекунанд. Чунонки К.Маркс қайд кардааст, «категорияи иқтисодӣ танҳо аз таҷассуми назариявии абстрактии муносибатҳои ҷамъиятии истеҳсолот иборат аст. Ба сифати категория, масалан, арзиш, пул, андоз ва ғайра истифода мешаванд. Иқтисодиёт ҳамчун санъати хоҷагидорӣ ба риоя кардани қонунҳои умумӣ ва махсуси иқтисодие, ки характери объективӣ доранд, вобаста аст.

Алоқаи дохилӣ, устувор ва зарурии байни муносибатҳои истеҳсолӣ қонунҳои иқтисодӣ мебошанд. Онҳо тасодуфӣ нестанд, ҳастии воқеианд, ки дар асоси талаботашон бояд сиёсати иқтисодии давлат муайян карда шавад. Яке аз сабабҳои буҳрони сиёсиву иқтисодии солҳои 90-уми асри гузашта риоя накардани талаботи қонунҳои иқтисодӣ мебошад, чун қонуни мутаносиб идора кардани хоҷагии халқи мамлакат ё ки инкор кардани иштироки давлат дар иқтисодиёт ва ғайра. Вазифаи мо, иқтисоддонҳо ва омӯзгорони асосҳои назарияи иқтисод, ҳаматарафа таҳқиқ ва таҳлил кардани раванд ва ҳодисот бо мақсади таъсис додани донишу фаҳмиши иқтисодӣ мебошад. Ба фанни ҳамешагӣ табдил додани асосҳои назарияи иқтисод зарурати таърихист. Назарияи иқтисод ягона илмест, ки зарурияташ аз рӯзе, ки одам пайдо шудааст, эҳсос мешавад. Мо гуфтанием, ки одам барои зинда мондан бояд бо табиат муносибат карданро дақиқ биомӯзад. Барои зинда мондан бояд истеҳсол кунад.

Илми назарияи иқтисод на танҳо барои хотири фаҳмиши равандҳои истеҳсоли ҷамъият муқаррар шудааст. Таъйиноти ин илм замина бар тамоми илмҳои дигар мебошад. Марҳилаи имрӯзаи таълимоти иқтисодӣ аз ҳаматарафа ва дар асоси дастовардҳои илмӣ пешниҳод кардани роҳу усулҳои самараноки ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ иборат аст. Дар ҷустуҷӯ ва паҳн кардани кашфиёту донишҳои нав илми иқтисод ва махсусан, асосҳои назарияи иқтисод нақши муҳим мегузорад.

Бинобар ин, тарбияи тафаккури иқтисодии аҳли ҷомеа, бахусус, наврасону ҷавонон ва дар мактабҳо ҷорӣ намудани омӯзиши фанни назарияи иқтисодӣ ба ҷойи фанни бизнес-нақша хеле муҳим аст, чунки бизнес-нақша танҳо як ҷузъи камтарини назарияи иқтисод ба ҳисоб меравад.

Хонандагон ба ин васила бояд асосҳои тафаккури иқтисодиро аз худ менамоянд.

***Азим НАСИМОВ,***
***профессор***

**МИННАТДОРӢ**

# Арзи сипос ба вазорат

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №47, Ҷамоати деҳоти Роҳатии ноҳияи Рӯдакӣ меваи соҳибистиқлолии Ватан аст. Дуошёна, зебо. Пеш мо, хонандагони муассиса, чунин таълимгоҳ надоштем. Таҳсилу таълим дар фермаи колхоз мегузашт. Синфхонаҳо хатарнок, қарибе ба болои мухассилин фурӯ меомаданд. Ба номи идораҳои дахлдор, аз ҷумла, ба номи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ нома менавиштем, арз мекардем. Вазири маориф, шодравон Исмоил Давлатов худашон ба мактаб омаданд. Ҳолати мактабамонро дида ба ташвиш афтоданд. Сохтмони мактабро ба нақша ворид намуданд. Бо некӣ ёдашон менамоем. Сохтмон дар давраи вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ будани муҳтарам Абдуҷаббор Раҳмонзода сар шуд. Ба мактаб омаданд, корпуси аввали таълимгоҳро ба истифода доданд. Корпуси дигари бино дар замони вазири вақт, муҳтарам Нуриддин Саид сохта шуд. Вазир худашон ба мактаб омада буданд. Мактаб бунёд ёфту аз рӯи лоиҳа як қисмати он ноанҷом монд: пойдевори толори варзишӣ дар давраи як вазир, деворҳояш дар давраи вазири дигар бардошта шуданд. Бо ҳамин идомаи сохтмон фаромӯш шуда, деворҳо таги барфу борон монданд.



Ниҳоят, бо дастгирии вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ, муҳтарам Р. Саидзода сохтмони толори варзишӣ ва маҷлисгоҳ бо сифати баланд анҷом ёфт. Дар масъалаи ҷиҳозонидани толорҳои мазкур 02.06.2022 ба Вазорати маориф ва илм муроҷиат намудем. Хоҳишамон ба ҷо омад. Рӯзи чоршанбеи 07.09.2022 барои хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии мо рӯзи хуш ва фаромӯшнашуданӣ буд. Толори варзишӣ ва маҷлисгоҳи таълимгоҳи мо ба истифода дода шуд.

***Махсатулло САНГОВ,***
***директори мактаб***
***(аз номи ҳаштсад нафар хонанда ва падару модар)***

Дар шаҳри Душанбе бонувони ихтироъкори тоҷик қадрдонӣ шуданд.

# *Ҳар кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист.*

**22 СЕНТЯБР – РӮЗИ РӮДАКӢ**

# Устод Рӯдакӣ - шоири файласуф

***Дар ҳошияи Рӯзи устод Рӯдакӣ мехоҳем чанд нуктаро дар доираи мавзуи «Устод Рӯдакӣ дар мақоми шоири файласуф» иброз намоем.***

**Якум.** Дарунмояи шеър ва каломи мавзунро ҳикмату фалсафа ташкил медиҳад. Бо он ки солҳо ва ҳатто асрҳо доира ва муҳитҳои адабӣ ва нависандагии форсии тоҷикӣ сари мавзуи ҷанбаҳои ҳунарии мероси манзуму мансури адабӣ-бадеӣ тамаркуз баҳс карда, то имрӯз дар ин замина мунозироту мунозеот ҳамчунон идома доранд, ҳикмату фалсафа ҷавҳар ва ҳастаи шеър аст. Аз ин ҷост, ки моҳият ва ҷавҳари шеъри классикӣ ва муосир мавзуъ ва масоили фалсафианд, чаро ки маҳз тавассути маъниҳои ҳикматӣ укдаю печидаҳои фикрӣ, равонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буруз мекунанд ва имкони ҳал пайдо менамоянд. Гироидани шоирон ба ҳикмату фалсафа шароитро барои пайдо кардани укдаю печидагиҳо ва фош сохтани мушкилот фароҳам меоварад. Дар ин масир устод Рӯдакӣ аз аввалинҳост.

**Дуюм.** Муҳит ва фазои сиёсӣ, фикрӣ, адабӣ, илмӣ, эҷодӣ, ҳунарӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ ҳар фарди эҷодкорро таҳти таъсир қарор медиҳад ва кайфияти эҷодии донишманду ҳунарманд ҳам ба чигунагии фазою муҳит бастагӣ дорад. Асри X, ки давраи салтанати бузургтарин сулолаи миллӣ -- Сомониён буд, асри ба ҳам омадани қувваҳои илмию эҷодӣ будааст. Маҳз дар ҳамин аср тавассути амирони хирадпарвари Сомонӣ фазои муътадили сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва маданӣ созмон дода шуд ва аҳли илму фарҳанг аз гӯшаю канори ҷуғрофиёи паҳновари салтанатӣ ба пойтахт ва маркази илму тамаддуни миллӣ -- Бухоро таваҷҷуҳ пайдо карданд. Ба ин тартиб, фазои солими фикрию фарҳангие, ки муассисаш амирони фарҳанггустари Сомонӣ буданд, ба дунёи маърифати башарӣ чеҳраҳои бузурги илму адабро эҳдо намуданд. Ин чеҳраҳои мондагор Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Ибни Сино, Абубакри Розӣ, Абурайҳони Берунӣ ва амсоли онҳо буданд, ки дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ мақоми баланд доранд.

**Севум.** Дар асоси мадорики таърихӣ ва адабиёти илмӣ-таҳқиқӣ, ки дар заминаи пажуҳиш, шинохт ва бозбинии андешаву мероси бузургони илму фарҳанги форсу тоҷик рӯйи кор омадаанд, метавон ба устод Рӯдакӣ унвони "файласуфи шеър", ба Ҳаким Фирдавсӣ титули "файласуфи таърих" ва ба Абурайҳони Берунӣ мақоми "файласуфи фарҳанг"-ро ихтисос дод. Ин аст, ки тахсиси унвони "файласуфи шеъри форсии тоҷикӣ" ба устод Рӯдакӣ бемаврид нест. Дар зимн, шоири файласуф касест, ки ба инсон, ҷомеа, табиат, ҷаҳон ва кайҳон бо дидаи вежа, ки саршори ангезаи отифату самимият ва балоғату нафосат аст, бархӯрд мекунад ва бо нигоҳи жарфу тозааш паёме ба мардум ироа медорад. Ба қавли донишманди фақиди эронӣ Аҳмади Касравӣ: "Ҳаким маънои файласуфро дорад ва касест, ки ҷаҳону зиндагиро бо дидаи бинотаре нигариста ва он чиро, ки дигарон дарнаёфтаанд, дармеёбад".

**Чаҳорум.** Барои он ки мавзуи мавриди назар -- "Устод Рӯдакӣ ба унвони поягузори шеъри ҳикматӣ" дуруст пайгирӣ шавад, нахуст бояд сари мафҳуми "шеър" таваққуф намуд. Дар доираи мафҳуми шеър андеша, эҳсосот ва авотифи инсонӣ ғунҷонда шудаанд, ки ҳамагӣ ҷараёни донишу биниши фалсафӣ, фарҳангӣ, адабӣ, ахлоқӣ ва зебоиписандии инсонро ҳамчун мавҷуди зиндаю огоҳ таъйин ва танзим мекунанд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки фалсафаи шеър фалсафаи ҳунар аст ва шеър ҳам мисли ҳунар ғаризаи офаридгории инсон дар идомаи вуҷуд ва ҳар камбудеро, ки инсон дар олами вуҷуд эҳсос мекунад, бо фаҳму андешаи худ ҷуброн менамояд. Шоир, пеш аз ҳама, ҳунармандест, ки одаму оламро ба тарзи худ меофаринад, бо андешаи зебояш рангоранг месозад, ҷомаҳои мунаққаш медӯзонад ва саранҷом маънои тоза мебахшад. Ин аст, ки шеър (адабиёт) ва андешамандию нуктапардозӣ (фалсафа) аз бомдоди таърихи фарҳанг ҳамқадами иронинажодон буда, онон тавассути ин ду илми бунёдӣ ба зиндагии худ рангу маъно мебахшиданд. Ин суннати фикрӣ ба васила таҳоҷуми аҷнабиёни юнонӣ, румӣ, арабӣ, туркӣ-муғулӣ аз байн бурда шуд. Вале амирони хирадпарвари Сомонӣ дар замони салтанати худ он суннати фавтидаро аз нав эҳё карда, барои эҷоди шеъру андешаи миллӣ ва тафаккури фалсафӣ шароити мусоид фароҳам оварданд, ки ин имкон дод тухмаю неруҳои зеҳнӣ ба сабзиш дароянд ва ба гирду атроф мунташир гарданд. Яке аз ин гуна тухмаҳои фарҳангзо устод Абуадуллоҳи Рӯдакӣ буд.

**Панҷум.** Дар радифи унвонҳои расмиву ифтихорие, ки ба устод Рӯдакӣ мутақаддимин ва мутааххирин додаанд, унвони шарафманди "ҳаким" низ ҷой дорад. Рӯдакӣ, ки ба унвони "ҳаким" низ мушарраф гардида буд, ба инсон ва ҷаҳон аз равзанаи хирад ва андешаи фалсафӣ дида дӯхта, бад-ин тартиб шеър офаридааст. Дар замони зиндагии устод Рӯдакӣ шоироне, ки ба унвони "ҳаким" ёд мешуданд, кам набуданд. Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Мантиқии Розӣ аз зумраи шоироне буданд, ки унвони "ҳаким"-ро дарёфт карда буданд. Дар байни шоирону донишмандони замони худ сохибэҳтиром гардидани устод Рӯдакӣ гувоҳи он аст, ки ӯ, воқеан, шоири тавоно ва ҳакими бузург будааст. Шоир ва ҳакими бузург Шаҳиди Балхӣ, ки аз муосирони



шоир буд, сухан ва шеъри Рӯдакиро ба Қуръон монанд карда фармудааст:

*Ба сухан монад шеъри шуаро,*
*Рӯдакиро суханаш тилви Нубост.*

**Шашум.** Рӯдакӣ ба сифати файласуфи шеъри форсии тоҷикӣ ба тарҳи муҳимтарин масоили фалсафие даст задааст, ки муосиронаш онҳоро сарфи назар кардаанд ва ё дар баррасии онҳо заифу нотавонтар будаанд. Дар матраҳ сохтани мавзуоти фалсафӣ устод Рӯдакӣ аз шеър мадад ҷуста, онро бо ҳикмат ва фалсафа даромехтааст. Муҳимтарин мушаххасот ва нукоти фалсафие, ки устод Рӯдакӣ бо биниши ҳакимона ва сабки шоирона ба шарҳу баёни онҳо пардохтааст, чунинанд:

а) Рӯдакӣ шоири зиндагист, яъне дар ашъораш, пеш аз ҳама, ба зиндагӣ арҷ гузоштааст. Дар зимн, мавзуи баҳси ҳикмат ва фалсафа ҳам зиндагӣ ва марги инсон аст (пойинтар ба ин масъала таваҷҷуҳ мекунем). Шоир зиндагиро устод ва раҳнамои ҷаҳони инсонӣ арзёбӣ карда, таҷрибаи рӯзгорро ба унвони роҳҳалли калидӣ аз тамоми мушкилоти башарӣ, аз ҷумла, раҳоӣ ва дафъи балоҳо матраҳ намудааст:

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд;*

б) Рӯдакӣ шоири хирадварз аст, пайваста аз фарҳанг - аз ин гавҳари шариф, ки инсонро одамият, ҳувият ва шахсият мебахшад, тавсифу тамҷид намуда, мардумро ба ҷустуҷӯи ин ганҷи саодатбахш ҳидоят сохтааст:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.*

в) муҳимтарин масъалаи фалсафие, ки дар асотири қадимаи ориёӣ ва таъолими зардуштӣ ҷойгоҳи устувор дошта, бо омадани адён ва сиёсатҳои аҷнабӣ ба ҳошия ронда шудааст, масъалаи дуализми фалсафии инсон ва ҷаҳон (табиат) мебошад. Рӯдакӣ ҳамчун шоири миллӣ ва меросбардори фарҳанги гузашта ин мавзуи

*(Давомаш дар саҳ.14)*

# Тараннумгари ишқу муҳаббат

Тавсифу ситоиши ишқу муҳаббат, садоқату рафоқат, вафодорӣ, нозу истиғнои ёр… аз устод Рӯдакӣ оғоз ёфтааст. Одамушшуаро хеле самимию меҳрбор мегӯяд:

*Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод!*
*Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!*
*Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод!*
*Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!*

Дилбар пас аз ситоиши ошиқ чун гул мешукуфаду нур мебахшад мисли хуршед ва мунаввар мекунад роҳи дилдодагон чун «чароғи оламафрӯз».

Шоирро ҳамеша забон ва ҳусн мафтун мекунад ва баёзашро саршор аз тасвирҳои ноб месозад:

*Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,*
*Чун дасти занони мисриён кард дилам.*

Устод аз ҳамон талмеҳи машҳури Юсуф кор мегирад ва аз бисёр хушрӯй будани ёр зикр менамояд, зеро зебоӣ такягоҳи муҳаббат аст. Зебоиро ҳама дӯст медоранд ва бештар чашму дили ошиқ ба он шефта мегардад:

*Чамани ақлро хазонӣ агар,*
*Гулшани ишқро баҳор туӣ.*
*Ишқро паямбарӣ, лекин*
*Ҳуснро офаридгор туӣ.*

Ишқи Рӯдакӣ ба ахлоқи инсонӣ иртиботманд аст ва талқини муҳаббати пок дорад:

*Чун кушта бубиниям ду лаб карда фароз*
*В-аз ҷон тиҳӣ ин қолаби фарсуда ба оз.*
*Бар болинам нишину мегӯй ба ноз,*
*К-эй кушта туро ману пушаймон шуда боз.*

Шоир хеле дар таҳаммулпазирӣ қарор мегирад ва бо маҳорати суханофарӣ руҷуъ мекунад, то тарҳи он зебоиро ба васила ташбеҳ ба хаёли бадеӣ пурра намуда, баъдан сарояд:

*Рӯят- дарёи ҳусну лаълат – марҷон,*
*Зулфат- анбар, садаф – даҳон, дур-дандон.*
*Абру-киштиву чини пешонӣ – мавҷ,*
*Гирдоби бало-ғабғабу чашмат – тӯфон.*

Пайванди зебоии инсон ва табиатро, ки хоси ошиқон аст, устод тавъам ба қалам додааст:

*Нест фикре ба ғайри ёр маро,*
*Ишқ шуд дар ҷаҳон фаёр маро*

Ё худ:

*Шод зӣ, бо сиёҳчашмон, шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.*

Рӯдакии сухантироз ва зиндагишинос ҳушдор медиҳад, ки умр даргузар асту шод бояд зист.

*Ҳанӯз бо маниву аз ниҳеби рафтани ту*
*Ба рӯз вақт шуморам, ба шаб ситора шуморам.*

Рӯдакӣ дарди ишқро эҳсос мекунад. Азоби ҷудоию фирокро таҳаммул менамояд. Санъати суханро моҳирона истифода карда, ташбеҳу кинояро дар оғӯши шеър ҷо медиҳад, ки он ҷо ситоиш аз ошиқу маъшуқ буд ва итобро қурбони ноз менамояд. Ин аз маҳорати комили устод аст. Бубинед, чӣ хел гилагузорӣ мекунад:

*Дар ишқи туам на сабр пайдост, на дил,*
*Бе рӯйи туам на ақл барҷост, на дил.*
*Ин ғам, ки мароcт, кӯҳи Қоф аст, на ғам,*
*Ин дил, ки туросt, санги хорост, на дил.*

Устод Рӯдакӣ соҳибқирони шеъру шоирӣ ҳамчун сароядаи ишқу муҳаббати поку соф дар адабиёти ҷаҳон ҷойгоҳи ҷовидонӣ дарёфтааст.

***Маъруфи ҲИСОМ***

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Сангвор 65 иншооти таъйиноти гуногун ба истифода дода мешавад.**

# ФАРМОИШИ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 05.09.2022, №1310
шаҳри Душанбе

## Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/16

Бо мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/16 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/16 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ З. Назруллозода уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ карда, рафти амалӣ гардидани онро таъмин намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм З. Абдулзода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/16.

**Вазир** **Р. Саидзода**

# ҚАРОРИ ҳайати мушовараи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 05.09.2022, №1310
шаҳри Душанбе

## Дар бораи Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумиро «Дар бораи Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, директорони муассисаҳои мақоми ҷумҳуриявидошта вазифадор карда шаванд:

2.1. Рафти баргузории озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»-ро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монанд;

2.2. Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар мушовараҳои сарраёсат, раёсат, шӯроҳои шуъбаҳои маориф ва шӯроҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди иҷро ва корбарӣ қарор диҳанд;

3. Директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (У.Сафарзода) уҳдадор карда шавад, ки даври минтақавии озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумиро барои муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси Низомномаи мазкур баргузор намояд.

4. Сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор» (Н. Нурализода) уҳдадор карда шавад, ки Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар нашрия ба табъ расонад.

5. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ З.Назруллозода уҳдадор карда шавад:

5.1. Низомномаи мазкурро дастраси сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва директорони муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта гардонад;

5.2. Рафти амалӣ гардидани қарори мазкурро таъмин намояд.

6. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2021, №13/3 Дар бораи Низомномаи озмуни беҳтарин муассисаи таҳсилоти умумӣ зери унвони «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» аз эътибор соқит карда шавад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Абдулзода гузошта шавад.

**Раиси ҳайати мушовара,**
**вазир** **Р. Саидзода**

# НИЗОМНОМАИ озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/16 тасдиқ шудааст.**

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дар асоси Тафоҳумнома байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНФПА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, тартиби ташкил ва гузаронидани озмунро дар байни муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ муайян менамояд.

2. Низомномаи озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаи таҳсилоти умумӣ (минбаъд низомнома) бо назардошти ҳавасманд намудани фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки дар дарсҳо ва чорабиниҳои беруназмактабӣ тарзи ҳаёти солимро ташвиқу тарғиб менамоянд, навоварӣ дар мундариҷаи таълими тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо, тарғиб намудани таҷрибаи беҳтарин ва дастовардҳои муассисаи таълимӣ дар омӯзонидани тарзи ҳаёти солим, дастгирӣ намудани коркардҳо ва технологияҳои инноватсионӣ, қадрдонӣ намудани саҳми муассисаи таълимӣ дар тарғиби тарзи солим дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

3. Ташкилкунандагони озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаи таҳсилоти умумӣ (минбаъд озмун) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНФПА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

### 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОЗМУН

4. Мақсади гузаронидани озмун аз инҳо иборат аст:

- дар байни хонандагон, падару модарон ва омӯзгорон тарғиби арзишҳои тарзи ҳаёти солим;
- тарғиб намудани истифодаи оқилонаи технологияи муосири таълим ва тарбия барои зиндагии шоиста;
- беҳтар намудани солимии иштирокчиёни раванди таълим бо роҳи мукаммал гардонидани ташаккули фаъолияти солимии муассисаи таълимӣ.

5. Вазифаҳои озмун:

-ҷустуҷӯ намудани ақидаҳои нави педагогӣ дар тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои номатлуб дар байни хонандагон;
- дарёфт ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагон, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва аҳли ҷомеа дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълими тарзи ҳаёти солим.

### 3. ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

6. Дар озмун омӯзгорон, роҳбарони синф ва муовинони директор оид ба корҳои тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар татбиқи Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ саҳм мегузоранд, иштирок карда метавонанд. Муассисаҳои типи нав, аз ҷумла, литсей ва гимназияҳо ҳуқуқи иштирок кардан дар озмунро надоранд.

7. Озмун дар 3 давр гузаронида мешавад.

8. Даври якуми озмун аз тарафи масъулини раёсату шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо дар моҳи сентябр гузаронида мешавад.

Аз ҷониби сардорони раёсат ё мудирони шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия барои иштирок дар даври дуюми озмун ба сардорони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод карда мешавад.

9. Даври дуюми озмун аз тарафи масъулини сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябр гузаронида мешавад.

Аз ҷониби сардорони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар даври сеюми озмун ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 октябр дархост пешниҳод карда мешавад.

10. Даври сеюми озмун аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябр гузаронида мешавад.

11. Барои иштирок дар даврҳои 1, 2, 3-и озмун аз тарафи масъулин ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- дархости раисони кумитаҳои тадорукоти озмун дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба кумитаҳои тадорукоти озмун дар сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои иштирок дар даври дуюм) ва дархости раисони кумитаҳои тадорукоти озмун дар сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи тадорукоти озмун дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои иштирок дар даври сеюм);
- нусхаи протоколи озмун;
- маълумотномаи мухтасар дар бораи 3 муассисаи таълимии беҳтарин, ки ҳуқуқи дар даврҳои дигар (даврҳои 1, 2, 3) иштирок карданро доранд (дар алоҳидагӣ).

12. Ҳуҷҷатҳои ба озмун фиристодашуда баргардонида намешаванд.

### 4. ТАШКИЛ, ТАРТИБ ВА МУҲЛАТИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН

13. Бо мақсади ба низом даровардани фаъолияти озмун Кумитаи тадорукоти озмун (дар даврҳои 1, 2, 3) таъсис дода мешавад, ки аз раис, котиб ва аъзо иборат мебошад ва бо фармоиши роҳбари аввал тасдиқ карда мешавад. Кумитаи тадорукот мақоми олии озмун маҳсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти фаъолияти озмунро ба зимма дорад.

14. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври якуми озмун муовини сардор ё мудири шуъбаи маориф ва дигар омӯзгорону кормандон (дар маҷмӯъ 5 нафар) шомил карда мешаванд.

15. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври дуюми озмун муовинони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кормандон (дар маҷмӯъ 7 нафар) шомил карда мешаванд.

Ташкил ва баргузории даври дуюми озмун барои раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳайати Кумитаи тадорукоти даври дуюми озмун барои раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби муовини директор ва кормандони Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

16. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври сеюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмун муовини вазири маориф ва илм - сарпарасти соҳа, кормандони раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм, намояндаи Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНФПА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешаванд.

17. Аз тарафи кумитаҳои тадорукоти даври якуми озмун ба кумитаҳои тадорукоти даври дуюм ва аз тарафи кумитаҳои тадорукоти даври дуюми озмун ба кумитаи тадорукоти даври сеюм (ҷумҳуриявӣ) дар санаи муқарраршуда дархост ҷиҳати иштироки 3 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар озмун аз ҳар вилоят, шаҳр ва минтақа пешниҳод карда мешавад.

18. Кумитаи тадорукот ҷамъомади худро гузаронида, дар асоси пешниҳодҳо ва талаботи низомнома ҷиҳати ташкил ва гузаронидани озмун мусоидат менамояд.

19. Барои таъмини баҳодиҳии босифат ба фаъолияти иштирокчиёни озмун ва муайян кардани ғолиби озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (дар даврҳои 1, 2, 3) ҳайати ҳакамони озмун (нафароне, ки рафти амалишавии Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии солимии репродуктивиро назорат мекунанд) таъсис дода мешавад, ки ба он раис ва аъзоён шомил мешаванд. Ҳайати ҳакамони озмун бо фармоиши роҳбари аввал тасдиқ карда мешавад.

20. Ба ҳайати ҳакамони озмун дар даври якум муовини сардори раёсат ё мудири шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мушовир ва дигар кормандон (дар маҷмӯъ 3 нафар) шомил карда мешаванд.

21. Ба ҳайати ҳакамони озмун дар даври дуюм муовинони сардори сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо, мушовир ва дигар кормандон (дар маҷмӯъ 3 нафар) шомил карда мешаванд.

Ҳайати ҳакамони озмун дар даври дуюм барои раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби муовини директор ва дигар кормандони Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ (дар маҷмӯъ 3 нафар) таъсис дода мешавад.

22. Ба ҳайати ҳакамони озмун дар даври сеюм (ҷумҳуриявӣ) муовини вазири маориф ва илм (сарпарасти соҳа), сардор ва кормандони раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм, намояндаи ташкилоти ҷамъиятӣ, ки бо Вазорати маориф ва илм ҳамкорӣ менамояд ва мушовирони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо ва корманди Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ (дар маҷмӯъ 5 нафар) шомил карда мешавад.

23. Ҳайати ҳакамони озмун дар фаъолияти худ Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

24. Вазифаи ҳайати ҳакамони озмун аз инҳо иборат аст:
- фаъолияти иштирокчии муассисаи таҳсилоти умумиро тибқи талаботи Низомномаи мазкур таҳлил ва баҳогузорӣ менамояд;
- дар асоси ҷамъбасти нишондоди Низомнома тартиби ишғоли ҷойҳо ва ғолиби озмунро муайян менамояд.

25. Даври якуми озмун моҳи сентябр, даври дуюм моҳи октябр ва даври сеюм моҳи ноябр дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои пешниҳодгардида аз тарафи ҳайати ҳакамони озмун гузаронида шуда, ҷамъбасти он бо иштироки ғолибон дар шаҳри Душанбе моҳи ноябр баргузор мешавад.

## 5. ШАРТҲОИ ОЗМУН

26. Озмун аз рӯйи шартҳои зерин гузаронида мешавад:
-ҷадвали баҳодиҳии фаъолияти муассисаи таълимӣ дар озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз тарафи ҳайати ҳакамони озмун баҳогузорӣ карда мешавад (Ҷадвали 1);
- маълумотномаи муассисаи таълимӣ оид ба фаъолияти муассиса ҷиҳати амалӣ намудани барномаи таълимӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон;
- муаррифии таҷрибаи кори иштирокчӣ - гӯша ва ҷузвдони тарзи ҳаёти солим;
- дарси намунавии тарбиявӣ, мизи мудаввар ё конфронс дар мавзуи тарзи ҳаёти солим (45-60 дақиқа);
- пешниҳоди корҳои методӣ оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим (шаклҳои анкета, дастур, мақола, ҷадвал, диаграммаҳо, расмҳо, сурат ва маводи видеоӣ).

## 6. ҶАМЪБАСТ ВА МУКОФОТОНИДАНИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

27. Дар ҷамъбасти озмун 5 муассисаи таҳсилоти умумие, ки аз рӯйи талаботи нишондодҳо холи аз ҳама баландро соҳиб мегарданд, ғолибони озмуни беҳтарин муассисаи таҳсилоти умумӣ зери унвони «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дониста мешаванд. Дар озмун 5 ҷой муайян карда шуда, беҳтарин муассисаи таҳсилоти умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (1 муассисаи таълимӣ), вилояти Хатлон (1 муассисаи таълимӣ), вилояти Суғд (1 муассисаи таълимӣ), шаҳри Душанбе (1 муассисаи таълимӣ) ва аз шаҳр ё ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ (1 муассисаи таълимӣ) дониста мешаванд.

28. Муассисаҳои ғолибони озмун бо мукофотҳо сарфароз гардонида мешаванд.

Ҳамчунин, беҳтарин омӯзгори фанни биология, беҳтарин роҳбари синф, беҳтарин ҳамшираи тиббии муассиса оид ба тарғиби ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимӣ бо мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешаванд.

29. Мукофотҳое, ки ба муассисаҳои таълимии ғолиб супорида мешавад, дар дафтари гардиши воситаҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ба қайд гирифта шуда, барои таълими минбаъдаи тарзи ҳаёти солим ва дигар масъалаҳои муассисаҳои таълимӣ истифода мегардад.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ ОЗМУН

30. Хароҷоти рафти омодагӣ ва гузаронидани даври сеюми озмун аз ҷониби Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНФПА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 1**

## Ҷадвали
## баҳодиҳии фаъолияти муассисаи таълимӣ дар озмуни «Ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Муассисаи ____________________№________
ноҳия/шаҳр ______________________ вилоят _______________
санҷишгар: ____________________________________________

| № | Нишондоди муассисаи таълимӣ | Хол (аз 0 то 10 хол гузошта мешавад) |
|---|---|---|
| 1 | Мавҷуд будани ҷузвдон дар муассисаи таълимӣ оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ ва тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим | |
| 2 | Масъалаҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим аз ҷониби омӯзгорон дар таълими фанҳо ворид карда шудааст | |
| | -тарбияи ҷисмонӣ ____ соат (синфи 9-11) | |
| | -маърифати оиладорӣ ____ соат (синфи 10) | |
| | -биология ____ соат (синфи 9) | |
| 3 | Ҷалби хонандагон ба чорабиниҳои беруназ синфӣ | |
| 4 | Фарогирии хонандагони синни 7-15-сола ба истироҳатгоҳи наздимактабӣ (______%) | |
| 5 | Таъминоти муассисаи таълимӣ бо дастурҳои таълимӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим | |
| 6 | Фаъолияти бунгоҳи тиббии муассисаи таълимӣ: таъминот бо корманди тиб, таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои ёрии аввалия | |
| 7 | Мавҷуд будани варақаҳои тиббии саломатии хонандагон | |
| 8 | Қайди гурӯҳи тиббии хонандагон дар журнали синф (саҳифаи нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонии хонандагон) | |
| 9 | Ҳолати майдонча ва толори варзишии муассисаи таълимӣ | |
| 10 | Тадбирҳои амалӣ намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқоли бемориҳои сироятӣ | |
| | -захираи хлор | |
| | -маводи беҳдоштӣ (дезинфексия) | |
| | -захираи ниқоби тиббӣ | |
| | -захираи собуни моеъ | |
| | -захираи антисептик | |
| | -мавҷудияти оби нӯшокӣ | |
| 11 | Мавҷуд будани воҳиди кории психолог дар муассисаи таълимӣ | |
| 12 | Ҳуҷраи кории психологи муассисаи таълимӣ | |
| 13 | Мавҷуд будани санадҳои меъёрии соҳаи психология | |
| 14 | Рӯйхати муроҷиаткунандагон ва дафтари суҳбату мушоҳидаи психолог бо муроҷиаткунандагон | |
| 15 | Робитаи муассисаи таълимӣ бо падару модар ва аҳли ҷомеа дар доираи амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | |
| 16 | Ташкили Гӯшаи «Тарзи ҳаёти солим» дар роҳравҳои умумӣ ва кабинету синфхонаҳои таълимӣ ҷиҳати тарғиби тарзи ҳаёти солим | |
| 17 | Мавҷуд будани ҷойи нишаст барои дамгирии хонандагон ва омӯзгорон дар дохил ва беруни бинои таълимӣ | |
| 18 | Фаъолияти Созмони хонандагон, ташкилоти ҷамъиятӣ ва баррасии масъалаҳои тарзи ҳаёти солим дар ҷаласаҳои ин шуроҳо | |
| | -созмони хонандагон | |
| | -ассотсиатсияи волидайну омӯзгор | |
| | -шурои духтарон | |
| | -кумитаи хонандагон | |
| 19 | Истифодаи технологияи муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон дар тарғиби тарзи ҳаёти солим | |
| | - намунаи дарсҳо | |
| | - маводи аёнии электронӣ, слайдҳо, дискҳои таълимӣ | |
| | - супоришҳои иловагӣ, саволнома, тестҳо | |
| | - пурсишнома-анкета, иншои беҳтарин дар мавзуи тарзи ҳаёти солим | |
| 20 | Ҳолати кабудизор будани атрофи муассисаи таълимӣ (гулкорӣ, дарахтони ороишӣ ва censoрояафкан), боғи мактаб | |
| 21 | Ҳолати ҳоҷатхонаҳои писарона, духтарона, таъмини он бо об, собуни дастшӯйӣ, оина ва сачоқчаҳои яккарата. | |
| | Ҷамъи холи умумӣ | |

Сана: ____ ____________ соли 2022 Имзо

ДИДГОҲ

*Имрӯзҳо дар тамоми дунё яке аз масъалаҳои муҳим ба роҳи дуруст ра-вон намудани насли наврасест, ки аз хурдсолӣ серҳаракат, беқарор, ноором, гоҳе маҳмаддонову гапгардон ҳастанд. Падару модар ин гуна рафторҳоро ҳис карда, бо ҳар гуна шакку шубҳа зуд ба пизишкони асабшинос муроҷиат менамоянд.*

# Бетараф набошем

Тибқи мушоҳидаҳои равоншиносон ва пизишкон, ин гуна хурдсолони беқарор мехоҳанд, ки атрофиёнашон ба онҳо аҳамият диҳанду мавриди таваҷҷуҳи дигарон бошанд. Агар ҳамсолон ба онҳо аҳамият надиҳанд, нисбат ба ҳамсолон кадом як амали озордиҳандаро раво мебинанд. Онҳо ҳар чизеро, ки дар муҳит мебинанд, зуд қабул мекунанд. Дар натиҷа, дар хона, мактаб ва кӯча боиси тамасхури дигарон мешаванд. Ҳатто ҳамсинфон бо ҳар гуна нағмаҳо онҳоро масхара менамоянд, таҳқир мекунанд, дашному нафринро ба онҳо ёд медиҳанд.

Ин гуна хурдсоли беқарор ҳар гуна рафтори ношоистаро зуд мепазирад ва такрор мекунад, вале кӯшиш мекунад, ки ба дигарон, ҳатто омӯзгор нагӯяд. Вақте дар синф моҷаро бармехезад, ҳамсинфон гуноҳро ба сари вай бор мекунанд. Кӯдак мефаҳмад, вале чизе намегӯяд. Чунин донишомӯзонро омӯзгорони камдониш, худхоҳ ва камтаҷриба бад мебинанд. Барои омӯзгоре, ки дар бораи равиши таълим ва тарбия дониши кофӣ надорад, дарк намудани ин гуна хурдсол мушкил аст. Омӯзгорони камдониш ҳамон бачаи бегуноҳи шӯхро, ки дигарон масхарааш мекунанд, мезананд, таҳқир менамоянд.

Мутаассифона, он бачаи беқарор худро дифоъ карда наметавонад. Ночор мемонад, асабонӣ мешавад. Як муддат (5-10 дақиқа) аз тарси гуфтори тунди омӯзгор худро нигоҳ медорад. Баъд боз ҳамон рафторашро такрор мекунад. Чаро? Ана гап дар ҳамин ҷост, ки вай ноогоҳона ин амалҳоро такрор менамояд; чунки ҳанӯз торҳои асаби вай, ин маҳз амалу рафторро идора мекунад, дуруст инкишоф наёфтааст. Барои инкишофи он вақт лозим аст.

Охир, он бачаи хурдсол ҳам нисбат ба рафтори атрофиёнаш мувофиқи фаҳмиши худ фикр мекунад. Вале омӯзгори камтаҷриба мутлақо инро эҳсос намекунад, ки он бачаи беқарор низ мисли одамони дигар андеша дорад. Чунки ӯ дар бораи рафтори ин гуна хурдсолон ягон асари илмӣ нахондааст. Фақат ба таҷрибаи андаки худаш такя менамояд. Ин хурдсоли беқарор рафтори ҳамсинфон ва омӯзгоронашро мувофиқи дарки худ дар зеҳнаш баррасӣ мекунад. Ночор ба хаяҷон омада, худро дифоъ кардан мехоҳад. Бо ҳамон касоне, ки ӯро таҳқир кардаанд, посух доданӣ мешавад. Ҳаяҷону эҳсоси худро идора карда наметавонад. Агар дар ҳамин ҳолат шахси ҳимоятгари худро бинад, доду фиғону фарёд мекашад. Дар натиҷа моҷаро рух медиҳад. Аммо моҷароро омӯзгори камдониш ҷилавгирӣ карда наметавонад, чунки ӯ оид ба хислати ин гуна хурдсолони беқарор асаре нахондааст. Гумон мекунад, ки ин бачаи солим бемор аст!

Агар дар ҳамин маврид омӯзгори зи-



раку хушёр, аз илми равоншиносӣ ва педагогӣ огоҳ бошад, он гоҳ роҳи ҳалли мушкилотро зуд пайдо мекунад. Вагарна вой бар ҳоли ин гуна хурдсолон! Бедонишӣ, камтаҷрибагӣ водор месозад, ки бачаҳои беқарор бо ҷаҳолат ба камол расанд. Сабаби асосии ба корҳои ношоиста даст задании хурдсолон ва наврасон маҳз камдониши падару модар ва омӯзгор оид ба тарбияи кӯдак аст!

Бачаҳо дар рафти бозӣ ва шӯхӣ гоҳе ҳамдигарро мезананд. Ин як ҳолати маъмулӣ аст. Боре мушоҳида кардам, ки писараки шӯхе ҳамсинфи худро зад. Омӯзгор писараки шӯхро сарзаниш кард ва ба дигарон гуфт: «якчоя занед, ки мурад, ин аҳмақ одам нест!». Ана ақлу фаросати ба ном омӯзгор! Агар ин омӯзгор дониши кофӣ медошт, ҳаргиз чунин амал намекард. Ин рафторро директор ботаҷриба диду бо асабоният гуфт:

«Шумо омӯзгоред, ба бачаҳо мисли фарзанди худ нигоҳ кунед, ҳангоми ҷанг бетараф набошед, насиҳат кунед, ин рафторатон хуб нест». Омӯзгор мегӯяд, ки «ин бача шӯх аст, одам намешавад, ина аз ин мактаб дафъ кунед!». Директор гуфт, ки «не муаллим, шумо бетаҷрибаед, дониш надоред. Намефаҳмед, ки ҳанӯз ақли ин бача инкишоф наёфтааст. Охир, ин бача ҳоло хурд аст, мефаҳмед? Вазифаи мо онҳоро ба роҳи дуруст даровардан аст. Дониши худро сайқал диҳед, агар сайқал надиҳед, ин писаракро не, шуморо бояд аз мактаб пеш кард! Шумои калонсол ақли кӯдаконаи вайро дарк карда натавонед, ин кӯдак чи хел шумои омӯзгори бедонишро фаҳмад?»

Директории зираку ботаҷриба ин амали бади омӯзгорро сахт маҳкум намуд. Ин аст рафтори хуби роҳбари муассиса!

Фаромӯш набояд кард, ки барои наврасе, ки аз соати 8 то 12 ё аз он бештар дар мактаб аст, масъулият сад дар сад бар дӯши омӯзгор аст. Ӯ бояд дар ҳамин вақт ба таври мунтазам бо таълим ва тарбияи фарзанди мардум машғул шавад. Ин вазифаи нонӣ ва ҷонии ӯст. Ҳатто дар танаффусҳо толибагони беқарори худро бояд таҳти назорат дошта бошад. Гоҳе як лаҳзаи беназоратӣ сабаби пайдо шудани моҷарои ногуворе мешавад ва оқибаташ бад аст.

Аммо баъди аз мактаб рафтани донишомӯз ҳамаи масъулият пурра бар дӯши падару модар аст. Хурдсолонро то хатми синфи ибтидоӣ ба таври мунтазам бояд таҳти назорат гирифт. Чунки ҳанӯз он торҳои системаи асаби хурдсолон, ки барои гуфтору рафтор вобаста буда, дар қишри пеши пешонаи инсон ҷойгир аст, дуруст инкишоф наёфтааст. Хурдсолон хоҳу ноҳоҳ ба ҳар амали неку бад зуд тақлид менамоянд. Ба онҳо ҳар кори неку бадро борҳо фаҳмондан лозим аст; барои баъзеҳо 3-4 бор, барои баъзеҳо 20-30 бор ва барои баъзеҳо шояд бештар, вале фаҳмондан шарт аст. То инкишофи пурраи қишри пеши пешонаи наврас падару модар ва омӯзгор бояд ҳамкорӣ намоянд.

Боз як мисол. Боре мушоҳида кардам, дониши писарак, ки дар синфи чор таҳсил мекунад суст аст, вале худаш хушёр. Дар дашномдиҳӣ, масхарабозӣ, игвогарӣ, тамасхури ҳамсинфҳо, забоношро барованда таҳқир намудан моҳир аст.

Дар чунин ҳолат омӯзгори сусту камдониш аз уҳдаи идораи синф намебарояд. Дидаем, ки баъзе омӯзгорон тамоман бепарво ҳастанд. Тибқи мушоҳидаҳо бо дили ҳоҳаму ноҳоҳам дарс медиҳанду мераванд. Талабагон ҳамдигарро мезананд, дашном медиҳанд ё ҷанг мекунанд, вале омӯзгори бедонишу бефаросат коре надорад. Бо дили ҳоҳаму ноҳоҳам дарсашро гузашта баромада меравад. Дар дарси ин гуна омӯзгори сусту заиф хурдсолон шавқуну ғавғо мекунанду рӯз то рӯз бадтар мешаванд.

Писаракро дидаму борҳо ҳамсуҳбат шудам, ки бачаи хушёру боистеъдод. Аммо падару модари бепарво, фарзанди зиёд доранду вақти назорат ва тарбияро надоранд. Дар хонавода ҳам гоҳе моҷаро, дашному нафрин. Писараки хушёр гапҳои беҳудаю дашному ҳақоратро ҳам аз хонавода ва ҳам аз кӯча ёд гирифтааст.

Дар ин вазъият писарак дутарафа ба гирдоби бало гирифтор аст. Аввал, падару модар бо моҷаро ва бепарво бачаро назорат намекунанд. Баъд, омӯзгор дар сарнавишти бача бетараф аст. Ҳатто ба ҷангу моҷарои ин наврас чашм мепӯшонад. Асли пайдо шудани ҷиноятҳо дар байни ноболиғон ана ҳамин бетарафии падару модару омӯзгор аст.

Донишомӯзони синфҳои ибтидоиро бо задан, сарзаниш, таҳқир, бадгӯӣ, нафрин парвариш кардан мумкин нест. Онҳоро бо хушзабонӣ, меҳрубонӣ, бозӣ, шӯхӣ тарбия бояд кард. Агар назорат накунем, дар ҳар лаҳза як кори бад ёд мегиранд, бояд бо муҳаббат дар канорашон бошем, на нафрат.

Боре омӯзгоре мегуфт, ки "ман дарсамро гузаштам, дигар бачаҳо якдигарро кушанд ҳам, коре надорам". Ин гуфтори хуб нест. Ба он омӯзгор фаҳмондан лозим аст, ки аввал худ омӯзад. Донишомӯзон ҳама фарзандони мо, ояндаи кишваранд, забону фарҳанги моро рушд медиҳанд. Агар омӯзгор чунин андеша дорад, дар бораи парвариши донишомӯзон асаре нахонад, ҷои ӯ мактаб нест.

***Равшан РАҲМОНӢ,***
***профессори ДМТ***

ШАРАФМАНДӢ

# Панди устод

Ман дар мактаб шогирди устод Мирзофайёз Нусратов будам. Устод моро ҳамеша ба роҳи рост ҳидоят менамуданд. Устод ба ҳусни хат, хонову равшан навиштани ҳарфҳо, омӯзиши ададҳо, таблитсаи зарб, кор бо варақчаҳою расмҳо эътибори хоса медоданд. Омӯзгорони асил, аз ҷумла, Б. Азизов, С. Юнусов, А. Зокиров, Д. Фахриев, А. Тешаев, М. Эрбоев, Ӯ. Почобоев, М. Сангинов, Р. Каримов ва дигарон дар пешрафти кори мактаб ва баланд гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия саҳми босазо мегузоранд.

...Бобои Устофайзӣ – бинокори гулдаст ва завҷаи ӯ Бибимастура ду фарзанд доштанд. Онҳо писари ягонаашон Файёзбойро ба ҷанг фиристоданд. Нигоҳубини кампир ба дӯши духтарашон Бибимарзия ва домодашон Мирзофайёз афтид. Тақдир ба писари онҳо – Файёзбой омад накард. Ӯ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳалок шуд. Ҷои ӯро духтарашон – Бибимарзия ивaз карда, ҳамроҳи шавҳараш Мирзофайёз мӯйсафедонро то охири умрашон нигаҳбонӣ намуданд. Дуои неки онҳоро гирифтанд. Яке аз набераҳояшонро Файёздиддин ном гузоштанд. Ӯ ҳоло муаллими тайёрии ҳарбии мактаби шаҳраки Тоҷиконн ноҳия аст.

Дар мактаб таҳсил накардани фарзандони чӯпонҳое, ки аз деҳаи Самарқандак, Кеху Кишамиш ва ғайра ба Ворух омада буданд, муаллимро ором намегузошт. Охир, набераҳои Умурбек, Қулмат, Қодир, Устоюлдош, Устоҷӯра берун аз мактаб монда буданд. Ба мактаб ҷалб кардани бачагонро устод ба зиммаи муаллим Абдуҳамид Зокиров вогузоштанд. Ҳамон сол 25 нафар ба синфи якум ҷалб карда шуданд ва онҳо мактабро хатм карда, соҳиби маълумоти миёна гаштанд. Имрӯз бо фаъолияти гуногунчабҳаи худ баҳри ободии диёри худ заҳмат мекашанд. Соли 1966 писари дуюми устод ҳамроҳи ҳамсинфонаш Мирзошариф Исломиддинов (собиқ раиси шаҳри Исфара), Қутбиддин Эшонов (номзади илми кимиё) дар олимпиада ғолиб омаданд. Баъди хатми мактаби миёна онҳо бо дуои устод ба шаҳри Маскав рафтанд. Ғиёсиддину Қутбиддин ба Донишкадаи олии кимиёвӣ – технологии ба номи Менделев, Мирзошариф ба Донишкадаи нафту гази Маскав дохил шуданд.

Тарбияи хуб ва дуои неки падар буд, ки имрӯз ҳамаи писаронашон дар соҳаҳои гуногун пайи иҷрои вазифаанд. Мирзо – мудири бонки амонатгузории Ворух, иқтисодчӣ, Ғиёсиддин – муовини директори заводи кимиё, Хайёмиддину Рӯҳониддин – омӯзгор, Салоҳиддин – сармуҳандиси хоҷагии «Правда».

Яке аз рӯзҳои баҳорони соли 1975 дар мактаби миёнаи №22 воҳўрии хонандагон бо ғолибони озмуни вилоятӣ – намояндагони Панҷакенти бостонӣ баргузор гардид. Даставвал директори таълимгоҳ Бобо Тешаев ва устодон Мирзофайёз Нусратов, Аъзамбой Маҳкамов, Пӯлодхон Амонов, Бобо Болтакулов ва Мелибой Қодиров рӯ оварда, речаи корро пурсид.

Сардори бригадаи №9 Амирбобо Маҳкамов як бех себи Аштархон тӯҳфа овард. Пионерон чукурча кофтанд. Устод ва меҳмонон ниҳоли дӯстиро шинониданд. Ҳоло ин ниҳол чун рамзи дӯстӣ боровар аст.

***Мирзоҳикмат МАҲКАМОВ,***
***омӯзгори собиқадори МТМУ №74, деҳаи Ворухи шаҳри Исфара***

Дар маркази ноҳияи Мурғоб майдони Парчам ва Нишони давлатӣ сохта мешавад.

*Оне, ки ҳатто як соати зиндагиро ба беҳуда медиҳад, ҳеҷ нафаҳмидааст зиндагӣ чӣ қимате дорад. Чарлз Дарвин*



АФКОР

# Муқовимат бояд устувор бошад

*Баъди ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)», қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 ҳамчун заминаи марҳилаи сифатан нави мубориза ба ин падидаи номатлуб ибтидо гузошт.*

Дар таҳкурсии чунин иродаи устувори сиёсати зиддикоррупсионии роҳбарияти олии кишвар як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахри пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он қабул гардидаанд. Аз ҷумла, соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва 22.08.2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» дар таҳрири нав мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ ва се маротиба қабули стратегияҳо «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012», «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва васеъ намудани доираи субъектони муборизабаранда дар қонуни ниҳоӣ гувоҳи таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба ин проблемаи муҳим мебошад.

Дар асоси қонуни ниҳоии қабулгардида ва Стратегияҳои зикргардида бояд дар тамоми вазоратҳо идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои идоравии мубориза бо коррупсия бо назардошти соҳаи фаъолияти худ таҳия ва мавриди татбиқ қарор гиранд. Дар онҳо бояд тадбирҳои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯйистеъмол аз мансаб, тасарруфи моликияти давлатӣ, ришвасситонӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб тавассути таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо пешбинӣ ва амалӣ карда шаванд.Чунки коррупсия дар қатори дигар таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ва мақеи марказиро ишғол менамояд. Ҳамзамон, ниҳоди махсуси ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт, ки он тавонист ба ин падидаи номатлуб мубориза барад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади аз байн бурдани коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба муқовимат бо коррупсия, аз ҷумла, ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар ҷараёни мубориза ва муқовимат ба коррупсия, гузаронидани таҳқиқотҳои иҷтимоӣ, ташкил намудани курсҳои таълимии зиддикоррупсионӣ, ташаккули фазои оштинопазирӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа ба василаи ба роҳ мондани ҳамкории густардаи мақомоти давлатӣ бо ВАО, баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа бо василаи ҷалби мутахассисони соҳавӣ, олимони ҳуқуқшинос, равоншиносону иқтисодчиён, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон, кормандони мақомоти бар зидди коррупсия муборизабаранда, инчунин, муҳаққиқони




таъриху адабиёт, собиқадорони мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ ба василаи табъу нашри адабиёти илмию оммавӣ дар мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ; нависандагон, рассомон, ходимони театр, радиову телевизион ва зиёӣни кишвар ба василаи таҳия ва басаҳнагузории асарҳо оид ба оқибатҳои зараровари коррупсия, таҳия намудани видеороликҳо, асарҳои рассомӣ ва ғайра ба нақша гирифта шудаанд.

*Бахтиёр НАЗАРЗОДА, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

НИГАРОНӢ

# Мушкилоти литсейро ҳал бояд кард

Ба иттилои директори литсейи давлатии рақами №2-и шаҳри Кӯлоб Шералӣ Абдураҳмонов, дар муассисаи мазкур соли ҷорӣ бо тариқи озмун 40 нафар хонандаро ба синфи 1–ум қабул карданд. Ӯ қайд намуд, ки дар ин даргоҳи илму маърифат 302 нафар хонандаи болаёқат дар синфҳои 1-11 ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Ба онҳо 23 нафар омӯзгори дорои унвони илмӣ бо истифода аз усулҳои ҷолиб методҳои пешқадами нави таълим дарс мегузаранд. Дар литсей 13 синф-кабинет, 1 кабинети математика, 1 кабинети технологияи иттилоотӣ, 2 китобхона бо толори китобхонӣ ва ошхона дар истифодаи хонандагон қарор доранд. Бояд қайд кард, ки кабинети технологияи иттилоотӣ дорои 36 компютер, принтер, тахтаи электронӣ ва видеопроектор буда, ба шабакаи доимии ИНТЕРНЕТ пайваст мебошад. Фонди захиравии адабиёти бадеӣ дар китобхона ба 6 ҳазор нусха мерасад ва ҳамасола аз тарафи маъмурияти муассиса то 1000 нусха китоби бадеӣ харидорӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, дар литсей китобхонаи китобҳои бадеӣ алоҳида ташкил карда шудааст.Тамоми китобҳои дарсӣ ва бадеӣ ба хонандагон бо тариқи ройгон барои истифода дода мешавад. Хонандагон фориғ аз машғулиятҳои таълимӣ ба гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ банд мешаванд. Раванди таълиму тарбия дар литсей аз рӯи равияи табиӣ – риёзӣ ҷараён дошта, назорати сифати таҳсилотро гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондаанд, ки дар натиҷа сол то сол омӯзгорону хонандагон ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд. Соли таҳсили 2021-2022 барои коллективи омӯзгорону хонандагони литсей соли пурфайзу бобарор буд. Онҳо бо гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар байни 55 муассисаи таълимии шаҳри Кӯлоб сазовори ҷойи 3-юм гардиданд. Аз ҷумла, дар озмуни вилоятӣ 36 нафар хонандаи литсей ширкат варзида, ба гирифтани 16 ҷойи ифтихорӣ (2 медали нуқра ва 14 медали биринҷӣ) сарфароз гаштанд. Дар озмуни ҷумҳуриявӣ бошад, 16 нафар хонанда иштирок дошта, соҳиби 3 медал ва 5 ҷойи ифтихорӣ гардиданд. Имсол 40 нафар хонандаи литсей дар озмунҳои байналмилалӣ (фосилавӣ) ширкат варзида, сазовори 8 медал ва 10 ҷойи намунавӣ гардиданд. Дар соли хониши 2021-2022 30 нафар хонанда синфи 11-ро хатм намуда, тариқи ММТ ба муассисаҳои олии касбӣ имтиҳон супориданд ва 30 нафарашон донишҷӯи муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ гаштанд. Чанд сол пеш муқаддам аз фаъолияти литсей шиносоӣ ба амал оварда, баъзе аз мушкилоти ҳалталабро, ки садди роҳи беҳбудии таълиму тарбия мешуданд, дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» рӯи саҳифа оварда будем. Аз ҷумла, нарасидани мутахассисони соҳибкасб, таъмирталаб будани бинои маъмурии муассиса, кӯҳнаву фарсуда шудани асбобу анҷоми озмоишгоҳҳои фанҳои химия, биология ва физика аз ин қабил мақсуд мебошад. Маъмурият ва омӯзгорону кормандони хоҷагии литсей тавонистанд, ки як қисми мушкилоти мавҷударо ҳаллу фасл намоянд. Тавре ки директори муассиса Шералӣ Абдураҳмонов иброз дошт, дар литсей барои омӯзгорону хонандагон тамоми шароитҳои таълимӣ муҳайё буда, мушкилоти асосие, ки имрӯз раванди ҷараёни таълиму тарбияро дар литсей халалдор мекунанд, нарасидани таҷҳизоту воситаҳои аёнии муосир дар кабинетҳои таълимии физика, химия, биология ва география ва ҳамчунин, мавҷуд набудани толори варзишӣ ва ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ набудани майдончаи варзишии литсей мебошад. Ҳамзамон, мавсуф афзуд, ки дар назди литсей бинобар нарасидани ҷойи нишаст ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба литсей, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ба нақша гирифта шуда буд. Мутаассифона, баъди ба анҷом расидани сохтмони бинои таълимӣ онро ба муассисаи таълимӣ табдил доданд. Барои баромадан аз ин мушкилот бояд он биное, ки пештар ба литсей тааллуқ дошту имрӯз дар ихтиёри Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бозпас ба ихтиёри литсей дода шавад.

*Шариф АБДУЛҲАМИД, «Омӯзгор»*

ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

# Тоҷикистон - ташаббускор оид ба масъалаҳои об

Ташаббусҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли яке аз мушкилоти аҳли башар - норасоии оби тоза ва тарзи оқилона истифодабарии он равона шудаанд, саривақтӣ ва манфиатбор мебошанд.

Қатъномаи Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» аз имкониятҳое мебошад, ки барои муҳайё сохтани механизм ва платформаи иловагӣ барои мусоидат бахри расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар қисмати об ба мақсад мувофиқ мебошад. Қатънома талаб менамояд, ки дар кишварҳои узви СММ, созмонҳои байнидавлатӣ ва тамоми ҷонибҳои манфиатдор ба рушди устувори захираҳои об таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд. Бо назардошти ин, дар сатҳи ҷаҳонӣ қабул гардидани Қатъномаи мазкур як платформаи муҳимро барои ҳалли масъалаҳои марбут ба об муҳайё сохт, ки татбиқи амалии ин вазифаҳо барои рушди устувор мусоидат хоҳад кард. Илова бар ин, Қатънома захираҳои молиявӣ, кумакҳои техникии гуногунро муттаҳид гардонида, истифодаи самараноки захираҳои молиявии мавҷударо барои татбиқи ҳадафҳои марбут ба соҳаи об ва рушди устувори онро тавсия менамояд.

Инсоният дар тӯли асри 20 ва оғози асри 21 ба туфайли истифодабарии васеи дастовардҳои илмию техникӣ, шароитҳои арзандаи зиндагиро фароҳам оварда бошад ҳам, аз ҷониби дигар, дар ин муддат дучори мушкилиҳои зиёде гардид, ки онҳо характери минтақавӣ ва глобалии ҷаҳонӣ пайдо карданд ва ба раванди мавҷудияти ҳаёти инсон, дигар мавҷудот ва ба экосистемаҳои сайёра хатар таҳдид мекунанд. Аз ҷумла, истифодабарии ноустувору ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва харобшавии бебозгашти бархе аз экосистемаҳои сайёра бар асари фаъолияти техногении инсон боиси пайдоиш ва мураккабшавии мушкилоти ҷиддии глобалӣ дар соҳаи муҳити зист гардиданд.

Дар байни ин мушкилот норасоии об, пеш аз ҳама, оби тозаи нӯшокӣ ва харобшавии экосистемаҳои обӣ бештар аҳамияти ҷиддӣ пайдо карда истодааст. Муҳимияти об барои мавҷудияти ҳаёт дар сайёраи замин имрӯз ба аксиомае табдил ёфтааст, ки ба исбот кардан зарурат надорад.

Ҳанӯз соли 2002 дар Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор эъломия оид ба рушди устувор қабул карда шуд, ки дар он коршиносон обро қисмати ҷудонашавандаи рушди устувор шуморида, онро ба 5 мушкили асосии ҷаҳонӣ - шароити беҳдошт (санитарӣ), энергетикӣ, тандурустӣ, кишоварзӣ ва гуногунии биологӣ таксим намуданд.

Моро зарур аст, ки дар раванди ҷаҳонишавии масъалаҳо ва афзоиши аҳолӣ ба ин унсури муқаддас ва гаронарзиши табиат ба ақли расо ва хиради азалӣ такя намоем. Зеро рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҳаёти ҷомеаи инсонӣ бидуни ин сарвати бебаҳои табиат аз тасаввур берун аст.

Умуман, ба табиат оқилона муносибат кардан ва чун гавҳараки чашм муҳофизат намудани он вазифаи муқаддаси ҳар фарди худогоҳу дурандеш аст.

*Р. АСАНБЕКОВА*

ХАБАРҲО АЗ ВМКБ

## Тӯҳфаи вазорат

Шуъбаи маорифи ноҳияи Шуғнони ВМКБ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 80000 сомонӣ таҷҳизоти техникӣ тӯҳфа гирифт. Чунин таҷҳизот ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар шуъбаҳои маорифи вилоят низ дастрас хоҳад шуд.

## Суҳбати рӯ ба рӯ

Вохӯрии вазири энергетика ва оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Комилбек Амид Ёрбек баргузор гардид. Зимни гуфтугӯ оид ба анҷом расондани бинои нави донишгоҳ ва барқарорсозии хати барқ ба он маслиҳатҳо анҷом дода шуданд. Далер Ҷумъа, инчунин, арз дошт, ки бо ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар бахри баланд бардоштани сатҳи дониш тамоми шароитҳо муҳайё карда мешавад.

*Ч. ҚОЗИБЕКОВ, «Омӯзгор»*

Дар шаҳри Душанбе нахустин ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо ҷамъияти тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ доир гардид.

*Дилсӯзӣ асоси ҳастии башар аст.*

*Фёдор Достоевский*



**ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ**

# Чашмасори маърифат

*Китоб раҳнамо, донишафзо ва ҳамдами ҳамагон аст, он дирӯзу имрӯзу фардои ҷомеаро инъикос мекунад ва ба ин васила ҳикматомӯзи аҳли башар мешавад. Ҳар қадар доираи хонандагону ҳаводорони китоб вусъат ёбад, ҳамон қадар ҷомеа пешраву муваффақ ва тозакор хоҳад шуд. Аксаран сатҳи маърифату фарҳангро дар кишвареву давлате аз он муайян мекунанд, ки шаҳрвандонаш чӣ муносибате бо китоб доранд, то ба кадом дараҷа китобхонанд.*

Тоҷикон аз қадим ба китоб муносибату эҳтироми самимӣ доранд ва дар радифи муқаддасот ҷой медиҳанд онро. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон марҳилаи нави чопи китоб дар мамлакат оғоз ёфт. Чанде аз монеаҳо дар ин кор аз миён бардошта шуданд ва муҳимтар аз ҳама, имкон фароҳам омад, ки осори ниёгонамон бидуни «чарроҳӣ» дар шакли комил ба нашр расанд ва низ китобҳое таҳия гарданд, ки дар онҳо ҷанбаҳои миллӣ, ифтихори ватандориву хештаншиносӣ хеле қавию устуворанд.

Дар такя ба имконоти давлати соҳибистиқлол ва вобаста ба сиёсати маърифатпарваронаи Пешвои миллат дар ҷумҳуриамон чопи китоб равнақ ёфт, теъдоди нашриёту чопхонаҳо батадриҷ афзуданд. Чандест, ки илова ба пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе дар тамоми манотиқи Ватанамон чопи китоб рушд мёебад ва муаллифон барои ба нашр расондани китобҳояшон имкони зиёд пайдо кардаанд. Воситаҳои ахбори омма пайваста аз чопи китобҳои нав дар нашриётҳои кишвар ба хонандагон паём мерасонанд. Дар вилояти Суғд низ ба масъалаи чопи китоб таваҷҷуҳи махсусу ҳамешагӣ зоҳир мешавад ва ширкатҳои полиграфии ин марзи хирадпарвари ҷумҳуриамон дар дохилу хориҷи кишвар эътироф пайдо кардаанд. Хонандагон аз сифати баланди чопи китобу рӯзномаву маҷаллаҳо дар шаҳри Хуҷанд изҳори қаноатмандӣ мекунанд. Дар ин шаҳр якчанд чопхона фаъол аст, вале дар ин миён ду коргоҳи полиграфӣ – «Хуросон» ва «Ношир» бештар шуҳратёр



*Набиҷон Юлдошев*

гаштаву ҳаводорони зиёд пайдо кардаанд. Китобҳое, ки ин коргоҳо пешкаши хонандагон бинмудаанд, сифату ороиши ҷолибу баланд доранд ва серхаридоранд.

Ширкати полиграфии «Хуросон» дар шаҳри Хуҷанд моҳи ноябри соли 1993 таъсис дода шудааст ва аввалин ширкати полиграфии ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ширкат аз оғози фаъолияташ таъмини сифати баланди чоп ва ба ин васила ҷалби таваҷҷуҳи муштариёнро нахустҳадафи хеш қарор дода, ба ин ҳадафи наҷиб дастрасӣ пайдо кард ва ба сифати яке аз муваффақтарину боэътимодтарин коргоҳҳои полиграфии мамлакат шинохта шуд. Маҳсулоти чопии «Хуросон» ба меъёрҳои полиграфии сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқат доранд ва коргоҳ бо навтарин таҷҳизоти чопгарӣ муҷаҳҳаз аст. Аз соли 1996 «Хуросон» бо маҳсулоти хушсифати хеш дар бонуфузтарин намоишгоҳҳои ватанию хориҷӣ ширкат меварзад. Дар намоишгоҳҳои байналмилалии китоб ва маҳсулоти типографӣ (аз ҷумла, дар шаҳрҳои Москва, Франкфурт…) ширкат соҳиби ҷоизаҳои пурарзиш гардидааст. Директори ин коргоҳи бонуфуз Набиҷон Юлдошев шаҳсест таҷрибаандӯхтаву кордон ва хушмуомилаву маърифатпарвар. Дар суҳбат бо мо ӯ чунин иброз дошт: - Муаррифи ҳар коргоҳ, пеш аз ҳама, маҳсулоти ӯст. Мо мекӯшем, ки сифати кор ҳамеша дар мадди назарамон бошад. Хушбахтона, ҳаводорону муштариёни зиёд дорем ва дар ширкатамон ҳамеша кор дар авҷ аст. Китобҳои зиёде, ки ба нашр расондем, аз ҷумла, «30 баҳори Истиқлол», силсилаи китобҳо бахшида ба солгардҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ваҳдати миллӣ ва Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, «Ашъори Рӯдакӣ», «Девони Камоли Хуҷандӣ», «Девони Сайфи Исфарангӣ», китобхои ашъори устод Лоиқ, Фарзона, Аҳмадҷони Раҳматзод, силсилаи китобҳои адибони ҷавон… аз ҷониби хонандагон гарм истиқбол дарёфтанд ва сазовори баҳои баланд гардиданд. Мо бо устодони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷу гимназия, литсейҳо, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои олии вилоят ҳамкории ҳамешагӣ дорем ва аёниятҳо, варақаҳо, дафтарчаву китобҳои онҳоро бо таври дилхоҳашон чоп мекунем. Дар «Хуросон», ҳамчунин, як силсила рӯзномаву маҷаллаҳо, аз ҷумла, рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» ва маҷаллаи «Паёми Суғд» мунтазам ба нашр мерасанд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди матбааи «Ношир» низ аз аввалин коргоҳҳои полиграфии ҷумҳурӣ буда, дар такомулу рушди чопи китоб хидмате шоистаи таҳсин дорад. Анқариб ин коргоҳи муваффақ сисолагии таъсисашро таҷлил хоҳад кард. «Ношир» дар намоишгоҳи байналмилалии китоб дар Ҷумҳурии Белорусия сазовори дипломи дараҷаи олӣ гардидааст. Ҳамчунин, барои китобҳои «Дар ин дунё» (соли 2007) ва «Девон»-и Фарзона (соли 2018) ин коргоҳи полиграфӣ дар намоишгоҳи ҷумҳуриявии китоб ба ҷоизаи махсус оид ба сифати чоп мукофотонида шудааст. Китоби бузургу мусаввари «Адолатпаноҳ», ки аз



*Муҳсин Исобоев*

корномаи беназири Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳикоят мекунад, яке аз намунаҳои барҷастаи сифати олии чоп ба шумор меравад. Ин китоб дар якчанд намоиши китоб дар меҳвари таваҷҷуҳи хонандагону ҳаводорони китоб қарор дошт. Имсол «Ношир» дар қатори китобҳои дигар ду китоби пурмуҳтавою олисифатро ба нашр расонд, ки яке «Пешвои миллат – эҳёгари тамаддуни тоҷикон» ва дигаре «Тоҷикистону Ӯзбекистон – дӯстии безавол» ном дорад. Аз чопи ин китобҳо коргоҳ ифтихорманд аст. «Ношир» дар нашри китобҳои бадеӣ фаъол аст ва солҳои охир китобҳои «Замини модарӣ»-и Б.Собир, осори Аскар Ҳаким дар 8 ҷилд, эҷодиёти Муҳиддин Хоҷаев дар 7 ҷилд, ашъори Гулназар дар ду ҷилд ин ҷо ба чоп расида, боиси болидатабъии хонандагон гардиданд. Сарвари ҶММ «Ношир» инсони шариф ва мутахассиси варзида Муҳсин Исобоев, ки боре дар ҷамъбасти сол дар сатҳи ҷумҳурӣ сазовори номинатсияи «Ношири муваффақ» гардидааст, зимни суҳбат бо мо чунин иброз дошт: -Дар коргоҳи мо як гурӯҳ кормандони варзида ва мумтоз гирд омадаанд ва ҳама аз пешаи худ ифтихорманданд. Ба мардум хазинаи маърифат, сарчашмаи дониш эҳдо кардан амалест рӯҳбахшу гуворо. Вақте ки кас китоби тозанашрро рӯи даст меорад, тамоми ҳастиашро ҳисси хушоянде фаро мегирад, аз он ки кори шоистаеро дар ҷодаи хирад анҷом додааст. Мо тамоми корафтодагонро самимона пешвоз мегирем ва мекӯшем, ки хизматашонро дар сатҳи баланд иҷро намоем. Хурсандем, ки сафи муштариёнамон сол то сол меафзояд. Китобу китобчаҳо, варақаю суратномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар ашёи полиграфие, ки мо омода ва пешниҳоди муштариён мекунем, талабгорони зиёд доранд. Ҳадафи онро дорем, ки минбаъд сатҳу сифати фаъолиятамонро боз ҳам густариш бахшем.

Коргоҳҳои нашири китоб дар вилояти Суғд «Хуросон» ва «Ношир» чашмасори маърифатро мемонанд ва дар татбиқи сиёсати маърифатпарваронаи Пешвои миллат ҳиссаи сазовор мегузоранд. Ҳарчанд коргоҳ хусусиянд, фаъолияташонро ҳамбаста ба самтҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва бахши Иттифоқи нависандагон дар ин вилоят роҳандозӣ мекунанд ва дар паҳн намудани тухми хираду маърифат дар тамоми ҷумҳурӣ ҳиссагузоранд.

Ин ҷопхонаҳои маъруф ба ҳукми анъана дар ҷашнвораҳои кишвар фаъолона ширкат меварзанд ва китобҳо ба нашр мерасонанд. Роҳбарони «Хуросон»-у «Ношир» аз он изҳори қаноатмандӣ доранд, ки озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» ба афзудани сафи китобхонон ва дурахши бештари илму дониш мусоидат карданд. Умуман, дар Ватани соҳибистиқлоли мо таваҷҷуҳ ба китоб ҳамвора меафзояд ва дар ҷараёни кори нашрони китоб монеае вуҷуд надорад.

**А.МУРОДӢ,**
**Н.РАҶАБЗОДА,**
**«Омӯзгор»**

**ПЕШРАФТ**

# Роғун: дастовардҳои аҳли маориф меафзояд

*Аҳли маориф ва омӯзгорону устодони шаҳри Роғун дар соли нави хониши 2021-2022 ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.*

Тавре мудири шуъбаи маориф Алишер Ҷунайдзода иттилоъ дод, дар ҳудуди шаҳр 42 муассисаи таълимӣ мавҷуд аст.

Соли ҷорӣ 32 нафар омӯзгори ҷавон пас аз хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ ба муассисаҳои таълимии шаҳр ба кор омаданд.

Айни ҳол дар муассисаҳои таълимии шаҳр 10397 толибилм ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Барои зимистонгузаронии таълимгоҳҳо 475 тонна ангишт ва 116 куб ҳезум захира шудааст.

Дар қаламрави шаҳр бунёди биноҳои нави таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ тайи солҳои охир вусъат мёебад. Аз ҷумла, дар муассисаи таълимии рақами 19 сохтмони 8 синфхонаи иловагӣ ва 2 ҳуҷраи корӣ, дар деҳаи Сесанга бо дастгирии Ҳукумати шаҳр сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти умумии асосии рақами 12 барои 320 нафар хонанда, бинои хобгоҳи давлатии наздиматкабии рақами 4 иборат аз 2 ошёна барои 200 нафар тарбиятгиранда ва таъмири бинои муассисаи таълимии томактабии «Офтобак» ба маблағи 156 000 сомонӣ анҷом ёфтааст.

Дар муассисаҳои таълимӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 27 адад компютер ба маблағи 272 225 сомонӣ ва дар доираи ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фонди Огохон 4 адад тахтаи электронӣ, проектору ноутбукҳо дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонда шуд.

Иштироки фаъолонаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» хуб ба роҳ монда шудааст. Хонандаи синфи 9-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3 София Ширинова дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯи номинатсияи хондан ва аз ёд кардани осори адабиёти бачагона аз афсонаҳои халқи тоҷик сазовори ҷои сеюм ва ҷоизаи номинатсия гардид. Дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи хонандагон дар соли равон 3 нафар хонанда (1 нафар хонандаи синфи 10 аз фанни химия ва 1 нафар хонандаи синфи 9 аз фанни технологияи иттилоотӣ) аз муассисаи таълимии №17 ва 1 нафар хонандаи синфи 11 аз муассисаи таълимии №3 аз фанни забони англисӣ ба гирифтани ҷойҳои сеюм ва 8 нафар хонанда ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ ноил шуданд.

Омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи рақами 21 Сунбула Юсупова дар даври минтақавии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» ғолиб дониста шуд.

**Ҳоқими САФАР,**
**шаҳри Роғун**

**Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб 462 иншоот бунёд мешавад.**

*Иртибот бо табиат вопасин сухани ҳар гуна пешрафт, илм, андеша, ақли солим, завқ ва рафтори шоиста аст.* *Фёдор Достоевский*



БА ИФТИХОРИ 90 – СОЛАГИИ НАШРИЯИ «ОМӮЗГОР»

# «Омӯзгор» – мактаби тарбия

*Ҳафтаномаи «Омӯзгор», оина ва ё минбари омӯзгорони кишвар, имсол 90-сола мешавад. Ин нашрияи маъруфро мо чун пири хирад, чун устоди устодон, чун тарбиятгари наслҳо медонем.*

Мактаби тарбия аст «Омӯзгор» ва аз оғози фаъолият нашрия ҳамин рисолатро ба уҳда гирифтааст. Ёд меояд давраҳои ҷавонӣ, донишҷӯӣ (1974-1979). Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултаи таърих таҳсил доштам ва ҳамон вақт бо рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони Советӣ», маҷаллаи «Машъал» ҳамкорӣ доштам. Хабару мақолаҳо ва гузоришҳо менавиштам. Таъриф нашавад, ҳар моҳ аз ҳисоби навиштаву чопкардаҳоям 50-60 сӯм ҳаққи қалам мегирифтам, ки он ба 45 сӯми идрорпулии донишгоҳ зам шуда, хеле пули калон мешуд.

Рӯзе як нафар қаламкаши факултаи филологияи тоҷики ДМТ – Сайидқосим Ҷалолов маро ба идораи рӯзномаи «Газетаи муаллимон» бурд, ки он вақт дар кӯчаи Орҷоникидзе ҷой гирифта буд. Баъд ҳамкории ман бо ин рӯзнома низ оғоз гашт. Аз чорабиниҳои илмиву фарҳангии факулта, тарзи таҳсил ва кору фаъолияти донишҷӯёну омӯзгорон хабару мақолаҳо менавиштам, ки бо андаке таҳрир рӯйи чоп меомаданд. Боре ҳангоми дар курси чорум хонданам кормандони рӯзнома Муҳаммадзамони Солеҳ ва Баҳманёр ба ман супорише доданд. Мақолаи бо забони русӣ ва ба илми археология вобастабударо ба ман дода, хоҳиш намуданд, ки ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, ба рӯзнома пешниҳод намоям. Ҳамкориҳо маро рӯҳбаланд месохт ва рӯзе ба худ тахаллусеро интихоб намудам: «Субҳӣ». Ва бо ҳамин тахаллус минбаъд мақолаҳои худро ба нашр мерасондам. Охири моҳ, вақте ки ба хазинаи «Хонаи матбуот» барои гирифтани ҳаққи қалам рафтам, хазинадор насабамро ёфта, ба Субҳӣ буданам бовар накард ва талаб намуд, ки аз идораи «Газетаи муаллимон» гувоҳнома биёрам. Он ҷо рафтам, муҳосиб коғазеро омода намуд ва акнун барои имзо назди сармуҳаррир даромадан лозим буд. Он вақт муаллима Бӯринисо Бердиева рӯзномаро сарварӣ мекарданд. Чун назди сармуҳаррир даромадаму арзи ҳол кардам, пурсид, ки писарам, худат чӣ ном дорӣ? Номамро гуфтам ва муаллима таъкидам кард, ки номи худат зебо будааст, тахаллус чӣ лозим. Маслиҳати муаллима ба ман писанд омад.

Ба аҳли қалам маълум аст, ки чизе эҷод мекунӣ ва ё меофарӣ, бароят басо азиз аст ва нашри онро интизорӣ мекашӣ. Баъди чоп шояд даҳҳо маротиба ба даст гирифтаву тамошо кардаву боз як бори дигар хонда мебароӣ. Ҳамаи ин лаҳзаҳо марди эҷодкор лаззат мебарад, шоду масрур мегардад.

…Ҳамин тавр, аз соли 1974 то имрӯз ман бо ин рӯзномаи соҳаи маориф ҳамкорӣ дорам. Номи рӯзнома бо мурури вақт тағйир ёфтаву ба ҳайати эҷодии он қаламкашони бақувват ворид гашта бошанд ҳам, рӯзнома ҳадафи худро дигар накардааст. Мақсади рӯзнома рушди соҳаи маориф, нишон додани дастовардҳо, тарғибу ташвиқи таҷрибаи пешқадам, инъикоси ҳаёти устодон, мураббияҳо ва шахсони ба мактабу маориф вобаста мебошад. Ва ман бо дили пур гуфта метавонам, ки «Омӯзгор» минбари таҷрибаи пешқадам ва як мактаби бузурги тарбия мебошад. Аз ин мактаб на танҳо устодону шогирдон, балки тамоми аҳли адаб тарбия мегиранд, зеро дар ин мактаб қаламкашони боистеъдод, рӯзноманигорони варзида, адибону олимон, файласуфон гирд омадаанд. Ва ногуфта намонад, ки аксари адибони номвару шуҳратёри кишвар дар ҳамин рӯзнома кору фаъолият намуда, дар рушди соҳа нақши нек гузоштаанд. Кормандони дирӯзу имрӯзи нашрия С.Сайфуллоев, Н.Нурализода, А.Муродӣ, Ш.Раҷабзод, С.Набиева, Н.Охунзода, Ҳ.Ҳомид бо хабару мақола, гузоришҳои фаврӣ пешниҳоди мақолаҳои ҷолибу пурмуҳтаво ба дили хонандагон роҳ ёфтаанд. Маҳз бо ташаббус, кордонӣ ва дилсӯзии онҳо рӯзнома тораф хонданибобу шавқовар гашта, ба минбари тарбияи маърифатии миллионҳо нафар сокинони кишвар табдил ёфтааст.

Ман ҳамчун як нафар рӯзноманигор аз кумаку дастгириҳои кормандони ин рӯзнома беҳад миннатдорам. Онҳо дар нашри чандин мақолаву хабару гузориш ба ман мадад расондаву маслиҳатҳо додаанд.

Имрӯз ин минбари бонуфузи омӯзгорон 90-сола мешавад. Ман аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳамчун як нафар хонандаи доимии рӯзнома ба кормандони он сарбаландӣ, тансиҳатӣ, барори кор ва баракати рӯзгорро таманно мекунам. Ҷашни фархунда муборак бошад!




*Саидмурод ИСКАНДАРӢ,*
*узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон*

СОЗАНДАГӢ

## Бунёди синфхонаҳои иловагӣ дар Дарвоз

Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз яке аз ҷамоатҳои калонтарин буда, дар баландии 2,5 ҳазор метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Дар 15 деҳаи он 6 ҳазор нафар умр ба сар мебарад. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар ҷамоат 6 синфхонаи иловагӣ дар деҳаи Камчак, 4 синфхона ва як толори варзишӣ дар деҳаи Пастироғ, 4 синфхона дар деҳаи Марғак ва деҳаҳои Кулумбаи Боло ва Лухч мактабҳо таъмиру азнавсозӣ шуданд.

Айни ҳол дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашт ду мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, ду муассисаи таҳсилоти асосӣ, ду муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва як муассисаи рушди барвақтии кӯдакон фаъолият доранд.

*Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,*
*«Омӯзгор»*

ТАШАББУСКОР

# Дастони саховатманди омӯзгор

*Дар даврони соҳибистиқлолӣ он қадар симои кишвар ва шаҳру деҳоти он дигаргун гаштаву пешрафтҳои назаррасе ба амал омадаанд, ки бинанда ангушти ҳайрат мегазад.*

Деҳаи кучаки Буни Сумҷи Ҷамоати деҳоти Чашмасори ноҳияи Файзобод низ аз ин пешрафту ободкориҳо канор намонд. Аслан то солҳои 1995 деҳа вуҷуд надошт. Замони Шуравӣ мардуми деҳа бо иллати набудани роҳу оби ошомиданиву барқ ба ҳамсоядеҳа кӯч баставу он ҷо муқимӣ шуда буданд. Аммо дар деҳа боғҳои ҳосилдеҳ бо навъҳои себҳои хуштамъ беназорату бесоҳиб монд...

... Вақте Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар гӯшаву канори кишвар ба бунёди боғҳову ниҳолшинонӣ оғоз бахшидаву дастурҳо доданд, қаҳрамони қиссаи мо Файзиддин Файзалиев дарк намуд, ки донишу таҷрибаи худро маҳз ба ҳамин кор бояд сарф кунад. Аслан Файзиддин фарзанди боғ аст, дар канори падари хеш, бобои Файзалӣ, ки замоне раиси ҷамоату боғдори маъруф буд, ба воя расидааст.




Кӯтоҳи қисса ин ки Файзиддин тавонист, то даҳ нафар ҳамфикр пайдо кунад ва ба эҳёи дигарбораи деҳаи Буни Сумҷ оғоз бахшад. Оғози кор мушкилиҳо дошт, роҳ набуд, барқ набуд, аммо оҳиста-оҳиста хонаҳо қад афрохтанд, боғҳои солҳо бесоҳибу беодам умри дубора ёфтанд. Насли нав ба дунё меомад ва мушкили дигар-набудани мактаб пеш омад. Ва Файзиддин фаҳмид, ки бе бунёди мактаб деҳа оянда надорад. Зеро то деҳаи ҳамсоя 5 км роҳро бачаҳо пиёда бояд биравaнд ва он ҳам дар борону сардии шадиди кӯҳистон.

Файзиддин назди роҳбарияти ҳукумати ноҳия омад, масъалаи мактабро ба миён гузошт. Нозукии масъала дар он буд, ки хонандагон ҳамагӣ 16 нафар буданд ва барои онҳо сохтани мактабро ҳамон вақт чандон зарур нашумориданд. Аммо пофишориву истодагарии Файзиддин натиҷа дод.

9-уми сентябри имсол дар рӯзи ҷашни 31-умин солгарди Истиқлоли кишвар мактаби асосии рақами 58 дар деҳаи Буни Сумҷ дарҳои худро барои толибилмон боз кард. Дар ифтитоҳи мактаб раиси ҳукумати ноҳияи Файзобод Холзода Бобишо Нарзулло суханронӣ намуд ва аз шогирдон хоҳиш кард, ки мактабро дӯст доранд, дониш омӯзанд, фирефтаи таблиғоти бегона нашаванд, зеро онҳоояндаи кишваранд. Ҳамчунин, дар ин рӯзи хурсандӣ намояндаи ҳукумати марказӣ, раиси комиссияи интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурӣ Бахтиёр Худоёрзода, мудири шуъбаи маорифи ноҳия Тағоймурод Ғуломов, намояндагони мақомоти қудратӣ ва дигар ташкилоту созмонҳо иштирок доштанд.

Қаҳрамони асосии ин хурсандиҳо Файзиддин Файзалиев омӯзгор, роҳбари мактаб, деҳқони пуртаҷриба ва марди дасткушоду саховатманд хеле хушҳолу сарбаланд ба назар мерасид. Орзуи деринаи ӯ бунёди мактаб амалӣ гардид. Аз гузориши хишти аввал то имрӯз-бунёди 6 синфхона, толор барои ҷамъомадҳо бо 60 ҷой, китобхона, дафтари кории омӯзгорон, боғи мактаб пеши чашмонаш ҷилвагар буду эҳсоси гуворо ро дар қалбаш бедор менамуд.

Дар ҳошияи ин рӯйдоди муҳим аз дигар корҳои Файзиддин Файзалиев низ ёдовар шудан бамаврид аст. Файзиддин бунёдгузори хоҷагии деҳқонии “Буни Сумҷ” мебошад, ки фаъолияти асосиаш боғдорӣ аст. Тайи чанд соли охир аз корҳои назарраси зери роҳбарии Файзиддин амалигашта инҳоро метавон ном бурд: бунёди роҳи сангфарши 2км бо пули оҳанин аз болои дарёи Элок, хати барқи 10кВ ба масофаи 1,5 км, хати оби нӯшокӣ ба масофаи 4км, осиёби обӣ, ҳавзи моҳипарварӣ ва ҷойгоҳи реги шифобахш.

Файзиддин метавонист барои худ дар ин макони хушманзара иморати барҳавое созад, мошини хубе харидорӣ кунад, оре, метавонист. Аммо ӯ роҳи дигарро пеш гирифт-роҳи саховату футувватро. Ҳар сол ба оилаҳои ниёзманд ёрии моддӣ ва маблағҳои пулӣ аз 1,5 ҳазор то 5 ҳазор сомонӣ дастрас карда мешавад. Солҳост, ки хоҷагии деҳқонии “Буни Сумҷ” бо қисмҳои ҳарбии 10040, 02615,09014,08008 ва корхонаи дӯзандагии Вазорати мудофиа ҳамкорӣ дошта, онҳоро бо меваҷоти тару тоза ва хушк таъмин менамояд. Инчунин, бо ташкилоти ҷамъиятиву хайриявии “Нури маърифат” ҳамкорӣ дошта, ҳар сол ҳосили 0,12 га заминро ба таври ройгон ба онҳо месупорад...

...Файзиддин ҳарчанд аз ин ҳама пешрафту ободкориҳо хурсанд аст, ҳанӯз қаноатманд нест, нақшаву ниятҳои неки зиёде дар сар дорад. Ободиву осудагиву амнияти кишвар имкон медиҳанд, ки ӯ ин нақшаву ниятҳоро амалӣ гардонад.

*Азимхон МАЛАХОВ,*
*собиқадори маориф*

**Лоиҳаи «Барномаи рушди савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» таҳия мегардад.**

*Ҳоло ки вақт дореду қувват, кор кунед!*
Овидий



# Устод Рӯдакӣ - шоири файласуф

*(Аввалаш дар саҳ.7)*

(Аввалаш дар саҳ.7)

муҳимми фалсафиро аз нав эҳё кард ва бо биниши шоирона ва баррасиҳои ҳакимона густариш дод:

*Ин ҷаҳон пок хобу кирдор аст,*
*Он шиносад, ки дилаш бедор аст.*
*Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,*
*Шодии ӯ ба ҷойи темор аст.*
*Кунишн ӯ на ба хубу чеҳраш хуб,*
*Зишткирдору хубдидор аст.*

Рӯдакӣ бо овардани ин абёт нишон медиҳад, ки инсон дар баробари ҷаҳони бенизом қарор дорад ва шоир ба ӯ (ба инсон) ҳушдор медиҳад, ки ба сеҳру ҷодуи он гирифтор нашуда, бо донишу хирад аз зиёну осебаш худро эмин дорад;

г) нуктаи дигари фалсафие, ки устод Рӯдакӣ ба он амиқ таваҷҷуҳ кардааст, маргу зиндагии инсонист. Масъалаи марг ва зиндагӣ (нестӣ ва ҳастӣ), ки дар фарҳанги гузаштаи мо собиқа дорад, дар шакли дуализм ё санавияти фалсафӣ баррасӣ мешавад.

*Ҷумла сайди ин ҷаҳонем, эй писар,*
*Мо чу саъва марг бар сони заған.*
*Ҳар гуле пажмурда гардад, з-ӯ на дер,*
*Марг бифшорад ҳама дар зери ған.*

ғ) дар маркази таваҷҷуҳи устод Рӯдакӣ инсони огаҳ, покдоман, наҷибу шариф ва ворастa аз қайду бандҳо қарор дорад ва ҳамаи ин сифоти инсониро шоир дар калидвожаи “озода” мунсаҷим месозад. Озодагон афродеанд, ки бо фазилат, ҷасорат, адолат, наҷобат ва шарофати худ аз дигарон фарқ мекунанд ва дар ҷомеа намунаи ибратанд. Озода фардест, ки ҷаҳону зиндагиро дар мизони ақлу дониш андозагирӣ мекунад. Шоири ҳаким чаҳор чиз (ҷисми солим, кирдори нек, номи нек ва хирад)-ро барои озодагон тавсия ва таманно мекунад ва ҳушдор медиҳад, ки ин чор ҷавҳар марди озодаро аз ғаму балоҳо раҳо месозанд:

*Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:*
*Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад,*
*Ҳар он кӣ эзадаш ин чаҳор рӯзӣ кард,*
*Сазад, ки шод зияд шодмону ғам нахӯрад.*

Ин чаҳор чизе, ки Рӯдакӣ ба инсони озода таманно мекунад, ҷисму рӯҳи инсониро муқавво месозанд ва аз осебпазирӣ эмин медоранд;

д) масъалаи шинохти арзишҳои миллию фарҳангӣ ва қадр намудани онҳо дар фалсафаи шеъри Рӯдакӣ амиқ дарҷ ёфтааст. Шоир бо рағбати тамом аз адабиёту фарҳанги пеш аз исломӣ ва қадимаи Ирон бо ифтихор ёд мекунад. Ӯ ба “Авасто” ва “Занд” барин кутуби фарҳангии миллӣ, ки аз арзиши баланди динӣ ва фалсафӣ бархӯрдор буданд, эътиқоди самимӣ дошт ва ҳамчун асолати ҷавҳари фарҳанги қавмӣ аз онҳо ёд мекард, то ҷое, ки мефармояд:

*Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,*
*Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд;*

е) устод Рӯдакӣ аз ҳикмату фалсафаи юнонӣ ва мабоҳиси фалсафие, ки дар замони зиндагии шоир мутадовил буданд, иттилои комил дошт. Масалан, дар абёти машҳури қасидаи “Шикоят аз пирӣ” устод Рӯдакӣ назариёти фалсафии “будан” (сокиту сукун) ва “шудан” (сайрурат ва ҳаракат)-ро, ки аввалиро файласуфи Юнони бостон Парменид ва дувумиро ҳакими маъруфи юнонзамин Ҳераклид асос гузошта буданд, дунбол мекунад ва дар қолиби каломи манзум шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Ҳамин тариқ, шоири файласуф касест, ки аз дигарон болотар, рӯшантар ва амиқтар мавзуъ ва масоили калидӣ, ҷомеаи инсонӣ, ҷаҳон ва кайҳонро тариқи каломи мавзуну мухайял ва муқаффо матраҳ мекунад. Ба ин маъно, устод Рӯдакӣ дар феҳристи нахустин шоирони файласуфи миллӣ қарор дорад, ки қабл аз дигарон бар мабнои хирадбоварӣ сари мавзуъ ва масоили мубрами фалсафӣ-ахлоқӣ, минҷумла, сарнавишти инсон, муаммоҳои ҷаҳон, мушкилоти фаровон, ҷаҳду талоши одамиён, бузургии фарҳанги ниёкон, футуввати донишмадорон, интиқоди ҷоҳилон, ҳамоқати фазлфурӯшон, таҷрибаи рӯзгорон, арзиши ҳаёти одамон, андарзи ҷовидон ва амсоли инҳо тамаркуз намуда, тариқи шеъри марғубу дилписанд арзи матлаб кардааст. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки паёмҳои отифӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ ва фалсафии ин шоири файласуфи миллӣ сари забонҳои афроди миллат қарор доранд ва мардум аз муҳокимаву баррасиҳои отифию фалсафии ӯ баҳраҳо бармедоранд ва панду андарзҳояшро дар зиндагии рӯзмарра корбаст мекунанд. Ин аст, ки дар миёни аҳли адабу фарҳанги аҷдодӣ устод Рӯдакиро, бемуҳобо, метавон нахустшоири файласуфи миллӣ ҷойгоҳ ва унвон дод.

***Нозим НУРЗОДА,***
***пажуҳишгар***

## КИТОБИЁТ

# Тарбияи оилавӣ уқёнусест бекарон

***Мусаллам аст, ки рушду такомули ҳама гуна ҷомеа ва кишвар, қабл аз ҳама, ба оила ва солимии он иртибот дорад. Зеро маҳз оила ба сифати таҳдоби бинои ҷомеа, ки неруи тавоною созандаи давлату ҳукуматро дар сурати фарзандон ба вуҷуд меорад, нақши аслию муқаддамро дар ҳама давру замон иҷро мекунад.***

Дар ҷумҳурии мо низ баъд аз соҳибистиқлол гардидани он дар самти фароҳам овардани шароити зарурӣ барои оилаҳои солим аз ҷониби Пешвои миллат як силсила иқдому дастурҳо пешниҳод ва роҳандозӣ гардид, ки дар таҳкиму суботи хонадонҳо ва тарбияи комилу ҳамаҷонибаи фарзандон мусоидат намуд. Дар ҳамин замина, чанде қабл китоби олимони пуркор, доктори илмҳои педагогӣ Хуррам Раҳимзода ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғоиб Бобокалонов таҳти унвони «Оилаи солим – пойдории давлат» аз чоп баромад, ки дар тарбияи насли наврас, шинохти маърифатии шеваҳои ахлоқ ва аносири таъсиррасон ба муҳити оилаву ҷомеа, масоилу ҳифзу ҳимояи арзишҳои фарҳанги оиладорӣ ва ба камол расондани насли созандаву кӯшо, маърифатандӯхта ва соҳибфарҳанг саҳми босазо ва муассир мегузорад.




Китоби мазкур аз чаҳор боб – «Падару модар ва тарбияи фарзанд», «Панди зиндагӣ», «Макун коре, ки боз орад пушаймонӣ» ва «Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боари муносибатҳои оилавӣ ва чорабиниҳо оид ба пешгирии зуҳуроту хислатҳои номатлуб» таркиб ёфта, дар он масоили ҳифзи ҳуқуқ ва саломатии занон, вазифаҳои ҷамъиятии оила, одоби муносибат дар оила, муносибати зану шавҳари ҷавон, муносибати волидон нисбат ба фарзандон ва ғайра ба таври амиқу ҳамаҷониба ва муфассал таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки муҳаққиқони заҳматпеша дар тафсиру тавзеҳи мавзуоти пешниҳодшуда аз рисолаю асарҳои маъруфу муътабари аҳли илму адаб ва мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик, муосир ва мактабшиносону педагогҳои ҷаҳон ба гунаи васеъ истифода карда, андешаҳои худро бо далелу арқоми муътамад баён намудаанд.

Дар китоб дар бораи таърихи пайдоиши оила ва инкишофи он, давраҳои инкишофи ҷинсӣ, навъҳои оила, зарари туйҳои серхароҷот низ маълумоти ҷолиб ва омӯзанда оварда шудааст. Дар хусуси сабабҳои бунёд намудани оила андеша ронда, муҳаққиқон ба натиҷае мерасанд, ки омили муҳими ба ҳаёти оилавӣ тайёр будани ҷавонон камолоти маънавию ақлонии онҳо мебошад. Атрофи вазифаҳои ҷамъиятии оила сухан ронда, олимони дақиқсанҷ дар ин бобат андешаҳои олимону сиёсатмадорон Ф.Энгелс, Морган, А.Леонтев, И.Соловёв, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, В.Сухомлинскийро далел оварда, хулоса мебароранд, ки педагогикаи оила ва муносибатҳои оилавӣ илмест хеле мураккаб, ки донишҳои ҳаматарафаи амикро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, ба андешаи эшон, муносибатҳои оилавӣ хеле мураккабу нозуканд, зеро онҳо дар ҷамъияти одамоне сурат мегиранд, ки бо ҳамдигар бо риштаи хешутаборӣ баста шудаанд. Мустаҳкам шудани ин гиреҳ ё гусастани он ба волидон вобаста аст. Падару модар ба дӯши хеш вазифаи хеле душвор – тарбияи фарзандро доранд. Фарзанд бояд чунон тарбия гирад, ки бо амалу рафтори хеш ба падару модар хурсандию хушбахтӣ орад, сазовори номи инсони ҳақиқӣ гардида, ба миллату ватани худ содиқ ва баҳри осоишу ободии он зиндагӣ ва ҷадал намояд. Муаллифони китоб барои тарбияи неки фарзанд мавҷуд будани муҳити психологии муътадилу оромро муҳим ҳисобида, таъсири ин муҳитро ба тақдири оянддаи аъзои оила, хусусан, кӯдакон ҳалкунанда медонанд.

Муносибатҳои оилавӣ муколамаи фарзандон бо волидонро дар бар мегирад. Ба андешаи муҳаққиқон Х.Раҳимзода ва Ғ.Бобокалонов, аксар вақт волидон суҳбат бо фарзандонро муҳим намешуморанд, ҳол он ки фарзандон розҳои махуфе дар дил доранд, ки он ҳамаро ба василаи ба падару модар ифшо кардан метавонанд ҳаллу фасл намоянд. Умуман, волидон вазифадоранд, ки натанҳо бо фарзандон суҳбат ороянд, балки ба таври доимӣ аз раванди таҳсил, кору бор ва мушкилию мураккабиҳои мавҷуда, ки ба пешрафту такомули онҳо халал ворид мекунад, пурсон шаванду чораю тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар мақолаи «Муносибати волидон нисбат ба фарзандон» муаллифон ба масоили рисолату ҳуқуқҳои падару модарон дар тарбияи фарзандон, омӯзондани касбу ҳунар ба онҳо, саводу дониш гирифтанашон, робитаи пайвастаи волидон бо мактабу муаллимон ва ниҳоят, ба зиндагии мустақилонаи оилавӣ омода намудани онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар навбати худ эҳтироми падару модаронро аз ҷониби фарзандон қарзи виҷдонии эшон меҳисобанд. Яке аз бобҳои муҳими китоб «Нашъамандӣ ва тамокукашӣ» ном гузошта шудааст, ки зарару хавфи тамокукашию нашъамандиро ба саломатии насли наврас ва ҷавонон бо мисолҳои реалӣ бозгӯйӣ ва таъкид мекунад. Дарвоқеъ, ба нашъамандӣ гирифтор шудани наврасону ҷавонон аз тамокукашӣ оғоз ёфта, минбаъд ин амали нангин ба одати доимии мубталоёни ин «дарди бедармон» табдил меёбад. Ба нашъамандӣ гирифтор шудани ҷавонон маънои онро дорад, ки онҳо тадриҷан саломатии худро аз даст дода, ба бемориҳои вазнин дучор мешаванд. Ин тоифа рӯҳан низ бемор гардида, системаи асаби онҳо харобу карахт ва дар организмашон вайрон шудани фаъолияти ҷигар, гурда, дил ба назар мерасад, намуди зоҳирияшон тағйир меёбад, ранги рӯяшон паридаву лоғар мешаванд, дандонҳо ва мӯйи сарашон мерезад. Тавре олимон огоҳ мекунанд, аломатҳои бемории шахси нашъаманд – дарди устухону бадан, арақкунии фаровон, шикамравӣ, душвор гардидани нафаскашӣ, кабуд гаштани пӯст дар натиҷаи нарасидани оксиген буда, мунтаҳо ӯро ба марг мерасонад. Дар ин радиф, хатари маргбори ҳероин, майпарастӣ, бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ, аз ҷумла, ВИЧ/СПИД хеле калон буда, волидон бояд дар ҳамкорию робита бо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳар як рафтору амали фарзандонро зери назорати қатъӣ қарор дода, нагузоранд, ки онҳо ба нашъамандию тамокукашӣ, истеъмоли ҳероин, майпарастӣ ва дигар одатҳои зишт, ки бешакку шубҳа, обрӯи одамро мерезонад, машғул шаванд.

Дар китоб дар хусуси назофати бадан ва тозагии сару либос, беҳдошти қоидаҳои гигиенӣ ва истироҳату фароғати фарзандон дар оила низ андешаҳои ҷолиб баён гардидаанд, ки дар ташаккули ҳаёти босаодату шукуфони минбаъдаи онҳо таъсири файзбахш мерасонад. Дар маҷмуъ, китоби «Оилаи солим – пойдории давлат» дастури зарурӣ ва дорои аҳамияти баланди тарбиявию ахлоқӣ буда, дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон нақши шоистаро иҷро мекунад.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

## ИҚДОМ

# Таъмир идома дорад

Ноҳияи Шуғнон аз ноҳияҳои калонтарини ВМКБ аст. Бо иттилои мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳияи Шуғнон Рамазон Мамадсаидов, дар замони



соҳибистиқлолии кишвар ба маблағи зиёда аз 33 миллион сомонӣ 41 муассисаи нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ барои 6200 ҷойи нишаст сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд. Азнавсозӣ ва таъмири муассисаҳои таълимии ноҳия идома дорад.

***Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

**Тоҷикистон ва Ҳиндустон ҷаласаи 4-уми Гурӯҳи кории муштарак оид ба мубориза бо терроризмро баргузор намуданд.**

ПОРА АЗ ҚИССАИ «УНСУРИ БЕГОНА»

*«Унсури бегона» номи қиссаи нави Навискандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Кароматуллоҳи Мирзост. Он ба ҳаёт, рӯзу рӯзгор ва фаъолияти эҷодии яке аз барҷастатарин олимони имрӯзи тоҷик Худой Шарифзода бахшида шудааст. Навиcанда худ муаллим буда, мавзуи асарҳояш низ бештар вобаста ба мактабу маориф ва зиндагиномаи омӯзгорон мебошад. Инак, порае аз қиссаи «Унсури бегона» манзури хонандагони гиромии нашрияи «Омӯзгор» мегардад.*

# Падар беназар набуда

Кароматуллоҳи Мирзо,
Навиcандаи халқии Тоҷикистон

Бобои Муҳаммадлатиф на баҳри он ба номи писар ҳарфи муллоро ҳамроҳ намуда, ки Муллошариф хонаду мулло шавад. На, ӯ бояд аз пайи касбу ҳунар афтад, илм омӯзад. Худаш яке аз уламои забардасти замон, вале аз деҳқонӣ, заҳмати ҳалол рӯз мегузаронда, на аз роҳи муллогӣ. Лекин падар медонист, ки зот ба зоти онҳо аҳли илму савод, аз неку бади олам огаҳ, баъзан маслиҳатгари қаъму ҷамъ. Муллошариф дар назди эшони Муллоикром хонд. Деҳаи Вишхарв наздик не, беш аз се километр роҳ. Аммо Муллошариф роҳи ин деҳаро хурда карда, баъзе рӯзҳо чандин бор ба он ҷо рафта меомад, сабақ мегирифт. Дар мадрасаи деҳаи Ингуи ҷамоати Қалъаи Ҳусайн таҳсил намуд. Баъди "Ҳафтяк"-у Қуръони Карим, "Тарҷумла", "Чаҳоркитоб", девони Ҳофиз, Бедил, "Мухтасар"-хон шуд. Писари амаки модараш Муллошарифро ба Чаёби Тахори Афғонистон барои таҳсил бурд. Бародараш Мирзорауф ба ӯ тан дода, Муллошариф серзеҳн, дар дониш аз ӯ гузаро, Худодод, тоатӣ, тақводор, шабзиндадор. Дар деҳа ва дар деҳаҳои дигар ҳам ӯро медонистанд, эҳтиромаш зиёд, овозадор шуда. Дар солҳои Ҷанги дуюми Ҷаҳон-Ҷанги Бузурги Ватанӣ, овозаи муҳорибаи Сталинград ба олам. Шикаст хӯрдан ё ғолиб омадани Давлати Советиро дар ҷанг ба ҳамин муҳориба вобаста медонистанд. Ҳушу ёди ҳама ба он, ба фарзандон, ки аз онҳо хатти сиёҳ меомад. Фиғони модарон, арӯсони таги чодар, ки дар ҷанг шавҳар гум карда буданд, ба фалак. Дар ҳамин рӯзҳо як қумандони калони Аскарони Сурх дар суроғи Муллошариф ба хонаи ӯ омадааст. Ҳама дар ҳайрат, ки вай ба ӯ чӣ мегуфта? Ё аз вай гуноҳе гузашта? Баръакси хаёлҳо қумандон эҳтироми Муллошарифро ба ҷо оварда, аз ӯ пурсон шуда, ки "дар ҷанг, алалхусус, дар муҳорибаи Сталинград ғалаба насиби кадом тараф мегашта? Тарафи фашистон ё Аскарони Сурх?". Муллошариф дар фикр меафтад, лаҳзаҳо дар муроқаба ва пасон сар боло мекунад, мегӯяд, ки агар такя ба асноди таърихӣ биёрад, давлати халқпарвар, мардумнавоз ҳеҷ гоҳ ба шикаст мутаваҷҷеҳ намешавад, дар Сталинград ғалаба насиби Аскарони Сурх мегардад. Пешгӯии Муллошариф рост мебарояд. Муҳорибаи таърихии Сталинград ба шикасти душман меанҷомад.

Баъди ин воқеа қумандони бузург боз ба суроғи Муллошариф меояд, бо эҳтирому эътиқоди бепоён ва туҳфаҳо. Муллошариф таомулу анъанаҳои мардумро ба ҷо меоварда, эътиқодманд.

Дар миёни ангуштонаш хасмол мебарояд. Дарди ҷонгудоз, гоҳгоҳе ин дард бар сари ягон-ягон одамон меомада, албатта, шифо меёфта. Дорую давогӯиҳои онро медонистаанд. Лекин дар ақидаи мардум ин дард шифо ёбад ҳам ба сари кас нохушӣ меомада, пешомад нек намешуда, як наҳсиятие. Муллошариф рӯзҳои рӯз маҳзун, банди фикр. Аз миён чанде гузашта, ки ба сараш омадаанд, ба аҳли хонавода ҳам хайрухуш гуфта натавонистааст, пешандозаш намудаанд. Бо даҳҳо нафари дигар ба Сталинобод, баъд онҳоро ба Варзоб бурдаанд, солҳои сол ранҷ кашида, канал кандаанд, канали калоне, ки онро канали Ҳисор мегуфтаанд, ки обаш то ба Ӯзбекистон ҷорӣ мешуда.

Боз як воқеаи пурдаҳшате аз ириму ҷирим ва пешгӯиҳои падар дар ёди аҳли оила, фарзандон ва Худоии хурдсол монда. Ва имрӯз ҳам даст ба сари зону зада, таассуф мехӯрад, ки чаро гапи падарро нагирифтанд, серкаро накуштанд. Дар хаёле, ки падар афсона мегӯянд, ки шикастани пои он ба тақдирашон вобастагӣ дошта.

Вақти подаомад гову молҳоро бачаҳо ба хона меоварданд, ҳамаи гову молҳо буданд, фақат як мол набуд, серкаи сафеди шохчанбар, ки онро барои куштан парвариш мекарданд. Аз миёни молҳо ба он алоҳида ем медоданд, пӯчоқи себу биҳӣ, нонпораҳоро наздаш мегузоштанд, мехӯрд, дар пода ҳам худро ба ҷойҳои сералаф зада, сар-сари гулу гиёҳҳоро мечарида, рост-рост хеста бозӣ мекарда, фарбеҳтар мешуд, онро серкаи сари мол ҳам мегуфтанд. Аз пода пеш-пеши гову гӯсфандон меомад. Дар хона ҳушаш боз ба эм, гирд-гирди кӯдакону хурдсолон мегашт, либосҳояшонро мебӯид, серкаро дӯст медоштанд.

Аммо он бегоҳ серка наомад, бачаҳо ба чор тараф давиданд, оқибат ёфт шуд. Серкаро подабон ба хар бор карда овард, пояш шикаста будааст. Дар хонадон ҳама нохуш шуданд, хурдсолон гиристанд. Муллошариф ҳамаро таскину тасаллӣ дода гуфт, ки ҳеҷ гап нашуда. Ҳар балое бошад, дар сари серка, фармуд, ки онро кушанд. Ин хоҳиши падар, хусусан, ба хурдсолон нафорид. Занҳои хона ҳам назар ба серка, ки дар рӯйи ҳавлӣ дароз хобида буд, гуфтанд, ки онро накушанд. Дилашон нашуд. Ба сари кампири Бибираҳима давиданд. Ӯ пойи серкаро бо чанд қабат сони сафед баст ва афзуд, ки дар байни ҳамин чанд рӯз сиҳҳат шуда, боз пешпеши молҳо давида-давида пода меравад. Ҳамин тариқ, коре шуд, ки ҳамон рӯз дар хона гапи Муллошарифро нагирифтанд. Дар байни як-ду рӯз ҳарфи куштани серка аз байн рафт. Танҳо падар сари ҳамон гуфтаи худ, ки "серкаро кушед", мегуфт, вале кушта нашуд. Аҳли хонадон баъд диданд, шоҳид шуданд, ки ба сарашон чӣ бало омад. Муллошарифи сипсиҳат якбора аз пою пар монд, ба кори худ шуд. Ҳама даступохӯрда гаштанд, то қассоб оварда серкаро мекуштанд, ки Муллошариф дар болои дастони бародараш - Мирзорауф ва домодашон Саид ҷон дод. Баъд ҳама дарк намуданд, фаҳмиданд, ки чӣ хатое аз онҳо гузашта, ки серкаро накуштанд, баъд фаҳмиданд, ки падар пешгӯӣ ҳам мекардаанд. Афсӯс, сад афсӯс!



***

Ҳама дар фикр афтода, ки Муллошариф чӣ шахсияте буда, ки сирдон, ҳодисаю воқеаҳоро пешбинӣ ҳам мекарда, қарибе ҳама чиро ӯ медонистаю лек дар ҳалли як мушкилии худ оҷиз, нотавон. Мушкилӣ дарди бефарзандӣ. Солҳои сол буд, ки соҳиби як кирмчӯҷа намешуданд. Зану шавҳар дар интиқи фарзанд. Ба ақидаи волидайн, аз Гулистонбибию Муллошариф фарзандоне рӯида, ки аз гапи падару модар набаромаданд. Гапи онҳоро гирифта, ҳатто розигии якдигариашонро напурсида хонадор шуданд, баракат ёбанд. Лекин ба хаёли Муллошариф, ки ин хел ҳам нашуда. Гулистонбибӣ ҳам дар ҳамин ақида. Ӯ аз хонадони эшонҳои Курговад. Ҳамон шабе, ки ба хонаашон хостгорҳо мерафтанд, Муллошариф лаби рӯд, пешорӯи хонаи онҳоро аз пагоҳ гӯё иҷора гирифта, роҳ мепоид, ниҳоят, сарви равон, моҳи шаби чаҳордаҳи вай - Гулистонбибӣ намоён гашт. "Омад!" - гӯё ӯ ба дил хабар дод, "омад Гулистонбибӣ!" Саросема, даступохӯрда шуд. Духтар ҳам шуду аз рӯд ба кӯза об бардошт, қомат рост карда қадам ниҳода буд, ки Муллошариф ба пеши роҳаш баромад.

-Як чӣ мепурсам, Гулистонбибӣ, - бо дили пурҳаяҷон номи духтарро ба забон овард ва афзуд: -ҳамин шаб дар хонаатон чӣ гап мешавад?

-Хостгорҳо меоянд.

-Аз куҷо?

-Аз хонаи шумо.

-Розӣ ҳастӣ?

-Чум!

-Чум нагӯ, дилма сиёҳ накун.

-Худут мехоҳӣ?

-Бароят мемирам.

-Намур, бевафоӣ накун, қасам хӯр.

-Ба ҳурмати ҳамин оби пок, оби ҳамин рӯд, - рӯ ба об шуд Муллошариф, - ба ҷонам туро дӯст медорам, бароям ягонаӣ, ҷонамӣ, туро мегирам, хор шудан намемонам.

-Хор шудан намемонӣ? Ба ҳамин гапат меистӣ?

Ба дили Муллошариф ягон гап омада буд, ки такроран суханҳояшро ба забон овард, "туро хор шудан намемонам", - гуфта қасам хӯрд. Баъд дар зиндагӣ, дар давоми умри ин ду ҷавон ҳамин ҳарфҳои "хор шудан намегузорам", бисёр ба кор омад. Дар қади Гулистонбибӣ фарзанд мешуд, муждаи хуш, барои Муллошарифу Гулистонбибӣ хабари як тӯй барин, ки Худованд ба онҳо фарзанд лоиқ мебинад, чи хеле гӯянд, нуҳ моҳу нуҳ рӯз зану шавҳари ҷавон интизорӣ мекашиданд. Чашми Гулистонбибӣ равшан мешуд, овози чақалоқ ба гӯшашон меомад, вале дер не, як якуним ё ба дераш дусола, ки мешуд, тифл ба хок мерафт. Як сол не, даҳ соли дароз Гулистонбибию Муллошариф умедворӣ кашиданд, тифл ба дунё меомад, дер намепоид. Аввал чанд писар шуда буд, гуфтанд, ки агар Гулистонбибӣ духтар кунад, шояд биистад, духтарҳо тобовар, сахтҷон. Гулистонбибӣ паи ҳам ду бор духтар зоид, лекин таассуф, ки наистоданд. Умедворӣ кашидан ба дили зану шавҳар зад. Хешовандон, наздикон талаб доштанд, ки онҳо ҷудо шаванд, хешу табор ҳам будаанд, сабаби напоидани тифлҳо аз ҳамин сабаби хешу таборӣ ҳам. Муллошариф бештар таги гап мемонд. Талаб шуд, ки ҷавоби Гулистонбибиро диҳад. Гулистонбибӣ ҳам мегуфт, Муллошариф рӯзашро бинад, зан гирад.

-Чӣ гуфтӣ!? – Муллошариф ба шӯр меомад.

-Илоҷ надорӣ, айби ман, ман гунаҳгор, - зан менолид.

-Аз ёдат баромад, Гулистонбибӣ, қасам хӯрда будам, "Туро хор шудан намегузорам", гуфта будам.

Ба ҷудо шудани Муллошарифу Гулистонбибӣ бародари хурдии ӯ Мирзорауф мухолиф буд. Вай ба ким-куҷоҳо рафта, бо ким-киҳое, ки табиб будаанду донишманд вохӯрдаю пурсида, якеаш мӯйсафеди дунёдида, соҳибхираде. Гуфтааст, ки ин дафъа Гулистонбибӣ таваллуд намояд, илоҷашро меёбанд. Он рӯз фаро омад. Гулистонбибиро дар девлох дарди фарзанд гирифт. Бародар он мӯсафедро аз куҷое даъват намуд. Ӯ гуфт, ки сир пӯшида, байни худашон, коре, ки мекунанд, касе надонад, Гулистонбибӣ ҳам нафаҳмад. Аз рӯи гуфтаҳо амал шуд. Тифл ба дунё омад, писар. Гиряи ӯ ба гӯши модар-Гулистонбибӣ расид, вале чун ӯ ба худ омад, кӯдакро надид. Гуфтанд, ки тифл фавтида. Алами дили Гулистонбибӣ, аз шавҳар домангир, ки чаро вайро ба ӯ нишон надодаанд, як ғами модар ҳазор ғам, Муллошариф аз сирри нобуд шудани тифл огоҳ, аз маслиҳат огоҳ, гуфтаҳои мӯйсафедро ба ҷо меоварd, руҳшикаста набуд, рости гапро ба завҷааш гуфта наметавонист. Аммо баъдтар аз як амали Муллошариф Гулистонбибӣ дар ҳайрат. Дар чарогоҳ агар мол мекуштанд, ҳаққи ким-кӣ гуфта гӯшт мегирифт, ширу ҷурғот, маска мепурсид, ғайб мезад. Бастаи савғоҳоро ба деҳа мебурд, барои кӣ? Гулистонбибӣ гумон мебурд, ки Муллошариф шояд зан гирифта. Аз девлох ба деҳа баргаштанд, шавҳараш ҳамоно якчӣ-нимчӣ гирифта, дасту дастархон ороста, баъзан либосворӣ ёфта, харидаҳо карда, аз хона баромада мерафт. Ба Гулистонбибӣ аниқтар мегашт, ки шавҳараш зан гирифта, пеши завҷааш меравад. Айби худи Гулистонбибӣ ҳам, сазои сараш, ғами бефарзандии шавҳарро хӯрда зан гир гуфта буд. Рашк даво надоштааст, алами дигар алами тифлаш, ки ӯро ба вай нишон надода гӯру ҷӯб карданд. Ғам кухна намешудааст, илоҷаш намонд, ҳар дарду азобро охир будагист. Тоқаташ намонд. Бас!

Ҳамон рӯзе ки Муллошариф бо дасту дастархон аз хона баромада, ба ақидаи Гулистонбибӣ назди завҷааш мерафт:

-Муллошариф, - Гулистонбибӣ овоз баланд кард, - ба ёд биёр, қасам хӯрда будӣ, ки Гулистонбибиро хор шудан намемонӣ, ҳамин тавр гуфта будӣ ё на?

-Гуфта будам.

-Ту ӯро сӯзондӣ, хокистар кардӣ, куштӣ, бас! Меравам, ба дилат шавад, занатро биёр, тинҷу осуда зиндагӣ кун, - Гулистонбибӣ яктаҳашро ба сар кашида, аз паси Муллошариф аз дари хона берун шуд.

-Чӣ гуфтӣ, Гулистонбибӣ? Зан дорӣ, занатро хона биёр гуфтӣ? – Муллошариф туҳфаҳои гирифтааш дар даст рӯ ба завҷааш гӯё шах шуда монд.

-Зан дорӣ гуфтам, ақламро нахӯрдаам, чанд сол боз маро фиреб медиҳӣ? Зан надошта бошӣ чизу ҷораи хоная кашида куҷо мебарӣ? Қариб аз нони хӯрдан мондем, рости гапро гӯй?

-Рости гапро гӯям? Назди бачаам меравам, Худо рӯямонро сурх кардааст, бачадор ҳам шудаем.

-Бачаат оча дорад? Аз очааш гап намекушоӣ? Пинҳон медорӣ?

-Очаш занаки ҷаннатӣ, ба ҳафт пушташ раҳмат.

-Ҳамин қадар ту аз вай бева розӣ? Як умрамро бо ту гузарондам, хок гуфтаму хокистар гуфтам, нон наёфтам, шавҳар гуфтам, туро гуфтам, ба гузаштаҳои ман раҳмат нагуфтию зани ҳамин дина гирифтаат ба ту азиз, вай ҷаннатӣ? Агар бачаҳои ман ҳам намемурданд, забондароз мешудам, раҳмат мешунидам.

-Ин бача ҳам бачаи худат.

-Ин хел нагӯй, Худо ба ман ҳам медод, таги хок намешуданд, фарзанди каси дигарро бачаи худат гуфта миннатдорам намекардӣ.

-Худоӣ бачаи худат.

-Худоӣ ном мондӣ бачата?

-Ин нома ман ба вай намондам, бобош ном монд.

-Бобо ҳам дорад? Гап зан, номи очаша ҳам гӯй, вай бева чӣ ном дорад, ки маро ин қадар сӯзонд?

-Номи очаи бачам Гулистонбибӣ.

-Масхара мекунӣ?

-Қасам мехӯрам, Гулистонбибӣ.

-Ҳамном ҳастем бо занат?

-Эй вой, Гулистонбибӣ, ба ту чи хел фаҳмонам, беақл шудаӣ. Ин бача бачаи худат, Худоӣ бачаи худат. Пагоҳ вайро металбам, ба иримаш мехарам, ба хона мебиёрем.

-Дар гӯши ман афсона нагӯ, Муллошариф, мана ҳамин ҳоло, ҳозир назди бачат бар, фаҳмам, ки ту чӣ мегӯӣ, рост мегӯӣ ё мани содая масхара мекунӣ, ба ҳолам механдӣ.

Муллошариф туҳфаҳои дасташро назди Гулистонбибӣ гузошт, рӯ ба роҳ афтод. Лаҳзае пас бо бародараш Мирзорауф ва як мӯсафеди нуронии либосҳои тозаю озодааш мисли ришҳояш сапсафед ба ҳавлӣ баргашт.

-Аз ҳел гӯсфандҳоро барор, - фармоиш дод Муллошариф ба завҷааш ва худ банди гову гӯсоларо кушод. Ду гӯсфанди чории калон ва гову гӯсоларо пешандоз карданд.

-Куҷо меравем, ин молҳоро куҷо мебарем? Хонаи занат? Ҳал накардӣ, инҳо ҳамааш азони худам, ҷон кандам, мол гуфтам, ҳол гуфтам, бонӣ кардам.

**(Давомаш дар саҳ. 16)**

# Падар беназар набуда

*(Аввалаш дар саҳ.15)*

-Дар ивази инҳо Худоиро металбем, ӯро мехарем.

-Бача мехарем? О, агар бача гирифтанӣ бошем, аз аҳлу авлодҳои худамон мегирем. Хоҳарам бачаша медиҳад.

Гулистонбибию ҳамроҳонаш қарибе аз деҳа баромаданд, рӯ ба ҳавлии ягонаи беруни деҳа шуданд, ҳавлии кӣ будани онро Гулистонбибӣ медонист, азони Шамсиддин, ки хеле солҳо боз ба куҷое рафта. Ба дили Гулистонбибӣ гап омад. Завҷааш Идимоҳ саиба, саибаи тару тоза. Шавҳараш ӯро ба никоҳаш даровարда.

-Хонаи Идимоҳ меравем? -Заҳрханд зад Гулистонбибӣ.

-Ҳа, ёфтӣ, хонаи Идимоҳ меравем.

-Медонистам, як гапро надониста намегӯям.

-Шавҳараш ҳам ҳамин рӯзҳо пайдо шуда. Вай ба пешвозамон мебарояд. – Муллошариф рости гапро ба завҷааш фаҳмондан мехост.

Дарвозаи калону дутабақаи бобои Шамсиддин кушода шуд. Гову гӯсфандонро ба даруни ҳавлӣ ҳай карданд. Муллошариф рост мегуфт. Бобои Шамсиддин бо чеҳраи хандон дар рӯи ҳавлӣ намоён шуд, завҷааш Идимоҳ кӯдак дар бағал пеш-пеши вай меомад. Тифл фарбеҳак, назардаро. Идимоҳ вайро ба бағали Гулистонбибӣ гузошт.

-Бачата гир, Гулистонбибӣ, то тавонистам, бонӣ кардам, шир додам, сиҳатакак, бедардак аст, насибат кунад, эҳтиёт шав, - чеҳраи зебои Идимоҳ кушодатар гашта, Гулистонбибиро табрику муборак гуфт. Аммо Гулистонбибӣ гӯё намешунид, ки Идимоҳ чӣ мегӯяд ва намедид, ки ӯ ба бағали вай тифл – як дунёро гузошт. Ҳайратзада, забон кушода наметавонист. Тифл аз они кӣ? Тифли худаш?

-Бачаи худат! - Садои шавҳарашро шунид, вай ҳамон тифле, ки Гулистонбибӣ гиряашро шуниду баъд нафаҳмид, ки ӯ куҷо шуда. Гуфтанд, ки фавтидааст, ба хок мондаанд. Барои ӯ сӯхт. Ӯ зинда?! Дар бағалаш?! Пайвандон заҳмат кашидаанд! Хизмати Мирзорауф алоҳида, ӯ ободии оила. Ӯ миёнадаро шуда, ки Муллошариф Гулистонбибиро сар надиҳад, вай ҷон коҳондаю ҷон. Пири хирадмӯйсафед, ки ҳоло рӯ ба Гулистонбибию тифлаш истода шодона онҳоро назора дошт, яке аз дӯстони дигари оила. Вай донишманд, табиб, зиндагидида, ба мисле беназар ҳам набуда. Ҳамаи амалҳо, риоя намудани таомулу анъанаҳо аз рӯи гуфта ва талабҳои ҳамин мӯйсафед ба ҷо оварда шуда. Ба тифл ҳам ӯ ном ниҳода, Худоӣ, яъне вайро Худованд ба онҳо додааст, акнун ӯро аз Идимоҳ ва бобои Шамсиддин металбанд ва мехаранд. Гову гӯсола, туҳфаҳо овардаанд. Аз ҳама асосӣ Идимоҳ бояд розӣ шавад. Вай то аз сина ҷудо шудан ба Худоӣ шир додааст. Ҳамин хел таомул буда, агар тифли модаре нопешрав шавад, напояд, баъди тавлид вай бояд синаи модари худашро намакад. Идимоҳ ба Худоӣ модар. Гулистонбибию Муллошариф фарзанддор. Боз хушӣ аз он ки баъди тавлиди Худоӣ тифлони минбаъдаи модар бизистанд: Абдураҳим, Абдуғаффор дар ҳаётанд.

**ФАЪОЛИЯТ**

# Хонанда, истеъдод ва озмун

***Таваҷҷуҳи аксар кишварҳои олам ба дарёфти зеҳнҳои бузург ва лаёқатҳое, ки тавонанд маҷрои рушди бемайлони илму фанро тағйир диҳанд, афзудааст. Шурои Аврупо ҳанӯз соли 1994, қарори махсусеро №1248 дар самти кор бо кӯдакони болаёқат ба тасвиб расонид, ки дар он гуфта мешавад: “Ҳеҷ кишвар наметавонад ба худ иҷозат диҳад, ки истеъдодҳоро нобуд созад.***

Муайян ва амалӣ накардани усулҳои муосири дарёфти неруи зеҳниро метавон маҳвсозии захираҳои инсонӣ ном бурд. Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди таҳсил фароҳам овард, то онҳо тавонанд имкониятҳои худро ба нафъи хеш ва тамоми ҷамъият истифода баранд”.

Дар кишвари мо низ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд карда буданд: “...Аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд. Дар баробари ин, масъулони соҳаро зарур аст, ки ҷиҳати ташкил намудани марказу маҳфилҳои техникҳои ҷавон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва инкишоф додани марказҳои дастгирии хонандагони болаёқат тадбирҳо андешанд”.



Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади иҷрои дастури супоришҳои Президенти кишвар вобаста ба зиёд намудани шумораи олимпиадаву озмунҳои зеҳнӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони онҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра тадбирҳо андешида шуда истодаанд. Чунончи, айни замон дар ҷумҳурӣ 24 олимпиадаи фаннӣ ба роҳ монда шудааст, ки барои дарёфт ва рушди хонандагони боистеъдод заминаҳои мусоид фароҳам меоваранд.

Ҳамасола хонандагони муассисаҳои таълимии пойтахт ва навоҳии кишвар дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои намоёну ифтихорӣ ва медалҳо мегарданд. Хонандагони даврони истиқлол бо ширкат дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ба партавфишон гаштани Парчами Тоҷикистон дар мамлакатҳои дигар мушарраф мешаванд.

Ин аст, ки дар низоми фикрии наврасон олимпиадаҳои фаннӣ метавонад таҳаввули амиқеро ба миён оранд, зеро олимпиадаҳо дар як меъёри муайян ва барномаи мушаххаси олимпӣ тарҳрезӣ карда мешаванд ва аз барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ хеле тафовут доранд.

Яке аз хусусиятҳои дигари таъсиррасони олимпиадаҳои фаннӣ дар он аст, ки хонандагон аз 12-солагӣ ба он ҷалб гардида, имкони иштироку сабқат миёни ҳамсолони худро меёбанд. Ин боиси васеъшавии ҷаҳонбинии хонанда ва дар идома интихоби дурусти касб аз рӯи маҳорату малака ва донишҳои андӯхтаи ӯ мешавад.

Хусусияти дигаре, ки метавонад нақше барои таҳаввул дар низоми фикрии хонанда, гуногунрангии усулҳои таълими хонандагон мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат маҳфуз аст. Дар дилхоҳ муассиса хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқманд ва кӯшоянд. Бо ҳамин сабаб, баргузории озмуну олимпиадаҳо яке аз роҳҳои маъмули дарёфт ва кашфи истеъдодҳо маҳсуб мегардад.

Барои мо мусаллам аст, ки ҳар кишвар ва ҳар мактабу мударрис аз роҳу усулҳои ба худ хос дар раванди таълим истифода мекунад. Барои мисол, агар низоми таълим дар дилхоҳ кишварро гирем, талаботҳояшон аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар кишвари маҳбуби мо саҳми аввалиндараҷаро барои иштироки хонандагон ба олимпиадаҳои дохиливу бурунмарзӣ марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо мебозад. Дар ин муассисаҳо омӯзгорони баландихтисос ва маорифпарвару кордон ба тадрис ҷалб карда шудаанд, ки аз миёни хонандагон шогирдони қобилиятдоштаро дарёфта, онҳоро барои омодагӣ ба олимиадаҳои дохиливу хориҷӣ омода ва роҳбарӣ менамоянд.

***Муҳаммадҷон ҒАФФОРОВ,*** 
***директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ***


## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам

**СУРАТҲИСОБИ МО**

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0026533, ки онро соли 2005 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шодиев Хайрулло Исомиддинович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №042674, ки онро соли 1984 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Кулиева Мубарак Мардонкуловна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №249248, ки онро соли 1995 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Искандаров Носирхон Зиёдуллоевич додааст, эътибор надорад.

**Кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» ва идораи «Тоҷикматбуот» ба нависандаи номвар Сироҷиддин Икромӣ бинобар даргузашти БАРОДАРАШ изҳори ҳамдардӣ ва тасалият мекунанд.**

**Гурӯҳи дӯстон аз шаҳри Душанбе ба директори мактаби №88-и деҳаи Хӯҷапанҷи шаҳри Панҷакент Фарҳод Мирзоев ва ба омӯзгори собиқадори ҳамин таълимгоҳ Лутфулло Усмонов бинобар даргузашти БАРОДАРАШОН ҳамдардӣ изҳор мекунанд.**

**Кормандони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармутахассиси забони фаронсавии Марказ Давлат Маҳмудов бинобар қаҳрамонона ҳалок шудани писараш ОРИФЗОДА Абумуслим Давлат дар набардҳои марзӣ дар ҳифзи Ватан изҳори ҳамдардӣ ва тасалияти амиқ менамоянд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*


**ОМӮЗГОР**

Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир* *Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир:* *Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ӯҳда нагирад. *Навбатдори шумора* *Н. ОХУНЗОДА*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.